Қ. ХОЧАЕВ,
А. АБДУВАЛИЕВ, Н. ШАРАФИДДИНОВ

# АДАБИЁТ

# 6



Дар обрӯй кӯш, азеро, ки обрӯй,
Чун кам шавад, бад-ӯ нанигаранд оби ҷӯй.

Бо ҳар касе зи рӯи ҳавас дӯстӣ мадор,
Бо ҳар касе зи содадилӣ рози худ магӯй.

Гар боядат, ки кам нашавад обрӯи ту,
Фармону ихтилоти фурӯмоягон мапӯй.

**АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**



Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме.
Ғамро зи чаҳри яксара бардоштаме,
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

Дар кӯи ниёз ҳар дилеро дарёб,
Дар кӯи ҳунар муқбилеро дарёб.
Сад каъбаи обу гил ба як дил нарасад,
Каъба чӣ равӣ, бирав, дилеро дарёб.

**УМАРИ ХАЙЁМ**



На дониш бошад он касро на фарҳанг,
Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.

– Сухан к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд.

Дониш талабу бузургӣ омӯз
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

**НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ**



ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

То нақши хаёли дӯст ба мост,
Моро ҳама умр худ тамошост.
Он ҷо, ки висоли дӯстон аст,
В-аллоҳ, ки миёни хона саҳрост.
Он ҷо, ки муроди дил барояд,
Як хор беҳ аз ҳазор хурмост.



САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ту к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.



ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Ҳуснат ба иттифоқи малоҳат ҷаҳон гирифт,
Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт.

Дарахти дӯстӣ бинишон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Саъй нокарда дар ин роҳ ба ҷое нарасӣ,
Музд агар металабӣ, тоати устод бибар.

ҚУРБОН ХОҶАЕВ, АҲМАД АБДУВАЛИЕВ,
НУРИДДИН ШАРАФИДДИНОВ

# АДАБИЁТ

Китоби дарсӣ
барои синфи

# 6

*Ҳайати мушоварат Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADES
PUBLISHING, INC.
2004

ББК 83. 3 точик Я 72
Х - 79

**Қурбон Хоҷаев, Аҳмад Абдувалиев, Нуриддин Шарафиддинов**

**АДАБИЁТ**. Китоби дарсӣ барои синфи 6-ум.
Душанбе. Соли 2004, 224 саҳифа

Ин китоб дар доираи Лоиҳаи таҷдиди сектори иҷтимоӣ тавассути маблағҳои қарзи Бонки Осиёии Тараққиёт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

## Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**Муаллимони мӯҳтарам!**

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

**ISBN 1-931938-20-2**

**© „САҲБО” 2004**
**© PLEIADES PUBLISHING, INC.**

# МУҚАДДИМА

Адабиёти бадеӣ манбаи бойи донишҳост, ки инсон бо мурури солиёни тӯлонӣ фароҳам оварда, дар қолаби зебо бо ифодаи санъатҳои воло ба наслҳои пасованд мерос гузоштааст.

Орзуву армонҳои накӯ, маъниҳои нозуку латиф, таркибҳои суфтаву бо гузашти солҳо сайқалёфта ҷавҳари адабиёти бадеиро ташкил медиҳанд.

Калимаи «бадеъ» дар луғат ба маънии тоза, нав, аҷиб, вале дар истилоҳи адабӣ ороиши сухан ва каломи зебо буда, шомили ҳамаи санъатҳои бадеист.

Адабиёт **ганҷинаи ҳикматҳосту оинаи ибратҳост**. Адабиёт чашмаест, ки оби зулолаш ба ҷисму ҷон халоват ва дармон мебахшад.

Дар оинаи ибрати адабиёт олитарин андеша ва афкори адибон дар боби олами вуҷуд ва инсон, ҳаёту мамот, кӯшиш ва фидокорӣ, некӣ ва накӯкорӣ, раиятпарварӣ, мазаммати золимон ва бадандешон, пос доштани хотири дарвешон ва амсоли ин инъикос гардидаанд.

Адабиёт сабақ меомӯзад, ки банӣ одам бояд аз неку бад хулоса барорад, аз ҳаёт панд бигирад, ҳамеша некиро пешаи худ қарор бидиҳад. Чунон ки Муҳаммад Авфӣ зимни ҳикояте оварда:

Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш,
Некӣ куну нек андеш, то некӣ бинӣ беш.

Адабиёт баҳри азимест, ки аз дарёҳо ибтидо ва ғизо мегираду бузургӣ, шукӯҳу шаҳомати хешро нигоҳ медорад. Адабиёт асосан аз ду манбаъ ибтидо ва ғизо мегираду мавҷудияти худро нигоҳ медорад:

Нахустин **адабиёти шифоҳист**, ки басо қадимист ва ба

умқи асрҳои хеле қадим мерасад. Он пештар аз пайдоиши алифбо рӯ ба олами ҳастӣ ниҳодааст.

Дигарӣ **адабиёти хаттист**, ки он хеле пуриқтидор аст. Нерӯмандии ин адабиёт дар он собит мегардад, ки ҷавҳари адабиёти шифоҳиро дар хазинаи худ маҳфуз доштааст. Истифода аз ин ҷавҳарҳоро мо дар осори барҷастатарин намояндагони адабиёти хаттӣ: **Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдӣ** ва **Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхӣ** ва **Шайх Аттор, Ҷомӣ** ва дигарон мушоҳида мекунем. Ҳар фарди хирадманд ва фозилу оқил имрӯз низ зимни гуфтор ва хат бамаврид аз он дурдонаҳои эҷоди мардумӣ фаровон истифода мебарад. Бино бар ин, омӯхтани осори шифоҳӣ ва хаттӣ, ки дар маҷмӯъ адабиётро ташкил медиҳад, барои ҳар як шахс фарз ва суннат аст.

Ҳар он кас, ки худро бузургу маданӣ ва тавонгар мешуморад, бояд дар хотир дошта бошад, ки маданияту тавонгарии шахс на дар бешумории молу чиз, балки дар донистан ва баҳравар гардидан аз мероси маданӣи бузургони гузаштаамон низ ҳаст. Чунон ки шайхи бузург Саъдӣ фармуда:

Ин ҳама ҳеҷ аст, чун мебигзарад,
Бахту тахту амру наҳю гиру дор.
Номи неки рафтагон зоеъ макун,
То бимонад номи некат ёдгор.

Калимаи **адаб** аслан паҳлавист, ки вориди забони арабӣ гардидааст. Ин калима ҳам маънои доштани адабро медиҳад ва ҳам маънои адабиётро, яъне ҳам рафторро дар назар мегирад ва ҳам гуфторро ва маҷмӯан **адабиёт** мешавад.

# ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ

## СУРУДҲОИ ХАЛҚӢ

Сурудҳои халқӣ яке аз намудҳои эҷодиёти қадимаи мардумӣ буда аз «Авесто» шурӯъ гардида, ҳангоми меҳнат, маросимҳои тӯй, мотам ва ғайра эҷод шудаанд.

Мавзӯъҳои сурудҳои халқӣ пурғунҷоиш ва доманадоранд: дар васфи баҳору наврӯз, тӯю сур, сӯгворӣ, ғарибӣ ва ғайра.

Сурудҳои халқӣ баёнгари дарду алам, хушиҳои рӯзгор ва орзуву ормонҳои мардуманд.

**«Гули сиёҳгӯш»** аз сурудҳои дӯстдоштаи мардумист, ки аз фаро расидани баҳори нозанин мужда мерасонад:

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ҳама гулҳо қаторон шуд.
Ба рӯи сабза борон шуд,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Миёни хоку ҳам санг аст,
Аз ин дилҳо хурсанд аст,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Хӯроки кабки дилтанг аст,
Ҳамеша дар рухаш ранг аст.
Баҳори нав муборак бод!

Сурудҳои маросими тӯй шӯрангез садо дода, хурсандӣ ва шодмониро ифода мекунанд.

Чунончи:

Рафтем рахи дуродур,
ёр, ёр, ёроне,
Овардем ниҳоли гул,
ёр, ёр, ёроне,
Ин гула кучо монем,
ёр, ёр, ёроне,
Дар ҳавлии Мирзогул,
ёр, ёр, ёроне...

Суруди зерин бошад, аз қабили сурудҳоест, ки дар он як олам дарду сӯзи шахси азодор баён ёфтааст. Ин гуна сурудҳоро сурудҳои мотам ё маросимӣ меноманд:

Як гуле аз гулшани боғи чаҳон гум кардаам,
Булбули мастам, ки роҳи бӯстон гум кардаам.
Ғунчаи нашкуфтаам рафт аз чаҳон бо сад алам,
З-он бигирям дӯстон, ному нишон гум кардаам.
Дӯстон, хун шуд дилам дар ғуссаи дарди фироқ,
Оҳу вовайло, ки ман рӯхи равон гум кардаам.

Ин суруди мотамӣ аз номи шахсе офарида шудааст, ки дар ғаму ғуссаи чигарбандаш дилхун буда, симои онро ба **«гул»**, **«ғунчаи нашукуфта»**, **«рӯхи равон»** монанд намудааст.

Сурудҳои ғарибӣ басо чигарсӯз садо медиҳанд. Ин сурудҳо дур аз ватан, дур аз ёру диёр эчод шудаанд. Ёди Ватан, ёди дӯстон қалби ғарибонро ба шӯр меорад. Ҳангоми эчоди ин гуна сурудҳо гӯяндагони он аз ғарибӣ шиква мекунанд.

Ғарибӣ кӯи сахт, азоби гӯр ва рӯзи сияҳ аст... Мардум ашки хасрат дар нӯги мижгон сурудҳои ғарибӣ мегӯянд. Оҳи онҳо фалакрас аст.

Ин суруд як пора аз қисмати талхи мардуми кӯҳистон аст, ки боди ғурбат онҳоро кӯ ба кӯ афканда.

Ғарибӣ кӯи сахт аст, эй бародар,
Ғарибонро накӯ дору маёзор!
Саҳар хестам, дари хона кушодам,
Бидидам як ҷавоне хуфта бемор.
Сарашро ба сари зону ниҳодам,
Лабонашро бибӯсидам падарвор.
Бигуфтам: эй ҷавон, асл аз куҷоӣ?
Бигуфто: асли ман аз шаҳри Булғор.
Агар афтад гузорат сӯи Булғор,
Магӯ аз мурданам зинҳор, зинҳор!...
...Бигуфтам: эй ҷавон, орзу чӣ дорӣ?
Бигуфто: як-ду себе баҳри ман ор.
Сабук ҷастам, давидам сӯи бозор,
Гирифтам чанд себ аз баҳри он ёр.
Ба дил гуфтам: ҷавонро зинда ёбам?
Нидо омад: ҷавон мурдаст, пиндор!...

### Савол ва супориш

**1.Суруд чист ва дар кадом мавзӯъҳо гуфта шудааст?**
**2.Кадом сурудҳои тӯёнаро медонед?**
**3.Ғариб кист ва ғарибӣ чист?**
**4.Сурудҳоро аз ёд кунед.**

## СУРУДҲОИ ТАЪРИХӢ

Сурудҳои таърихӣ яке аз намудҳои сурудҳои халқӣ буда, вобаста ба ин ё он ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ гуфта шудаанд. Ин навъ сурудҳо ифодагари қаҳрамонӣ ва фидокориҳои фарзандони барӯманду баору номуси халқанд, ки барои рӯзи хуш ва фараҳафзо, ба хотири озодӣ ва осоиштагии мардум, барои ягонагии кишвар алайҳи золимон мубориза бурдаанд. Барои мисол, Восеъро мегирем . Ӯ марде буд ҷувозкаш, вале бо зулму золимӣ муросо карда натавонист. Халқро ба исён даъват намуд. Ғазаби халқ ҳокимони Ҳисору Кӯлобро ларзонд. Қариб ғалаба наздик буд, ки хоинон хиёнат карданд. Шӯриш пахш карда шуд ва

пешвои онро куштанд, вале рӯҳи шӯриш ба воситаи сурудҳо дар дилу забони халқ боқӣ монд.

**Нақшаи сурудҳои таърихӣ**

| Сурудҳои таърихӣ | Ҷой ва соли воқеа | Намунаҳо |
|---|---|---|
| **«Шӯриши Восеъ»**[1] | Соли 1885 дар вилояти Кӯлоб | Восеъ ғазост имрӯз,<br>Ҷон мубталост имрӯз.<br>Ғавғои рӯзи маҳшар,<br>Дар факирост имрӯз. |
| **«Шӯриши Усмон»** | Соли 1918 дар ноҳияи Ғарм | Бо ханҷар зада макша,<br>хатое кардане, додарҷунмай,<br>Бо шаъму чароғ лав-лави ёзаш<br>кардане, Усмонҷунмай.<br>Дар таги бедои қатор гумаш<br>кардане, додарҷунмай,<br>Дар эштэки Янғолик гурӯш<br>кардане, Усмонҷунмай. |
| **«Шӯриши Қаландар»** | | Қаландари диловар,<br>Гардид харову лоғар,<br>Монанди ӯ факирон,<br>Ҳазор-хазор дигар… |
| **«Бойи Ғалчигӣ»** | Соли 1915 ноҳия Ёвон | Бойи сиёҳи мазанг,<br>Хирманут дар сари санг.<br>Аз ҷиҳати гушнагӣ,<br>Аҳволма кардӣ ба танг.<br>Бойи сиёҳи Ғалчигӣ<br>Нун медод як порчагӣ.<br>Дастёруш партов шидай,<br>Дар кутали Ҳафтқадӣ.<br>Хирманта задум шола,<br>Занта бигуфтум хола.<br>Аз дастаки гушнагӣ,<br>Корхо мондай нимкола. |

[1] Шӯриши Восеъ соли 1885 дар Балҷувон ва Ховалинг бо сардории қаҳрамони халқ – Восеъ бар зидди зулми амирӣ ба амал омадааст.

Аз ин рӯ, суруди **«Шӯриши Восеъ»** пораи зинда аст аз таърихи халқ, аз рӯҳи исёнгар ва бешикасти фарзандони ӯ чун Восеъ…

### «ШӮРИШИ ВОСЕЪ»

1. Аз ҷавру зулми мирон
Гардида мулк вайрон,
Ҷазир гаштан[1] фақирон.

2. Восеъ ғазост[2] имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз,
Ғавғои рӯзи маҳшар
Дар фақирост имрӯз[3].

3. Чӣ тӯфон аст имрӯзҳо?
Даргирифт кӯҳу сангҳо
Офтоб наздики моҳо!…

4. Кӯҳҳо чӣ тавр нолон аст,
Офтоб гирифт, зулмон аст,
Охири зулм вайрон аст…

5. Восеъ ҳамбид[4] Санги Мир[5]
Муқобили зулми мир,
Бояд намудан тадбир.

---

[1] **Ҷазир гаштан** – ҷазир гаштанд, яъне хонахароб шуданд, қир шуданд.

[2] **Ғазо** – ҷанги динӣ, ки ба муқобили кофирон мебаранд, халқ золимонро кофир эълон кардааст.

[3] **Маънои байт: фақирон** – меҳнаткашони ситамдида шӯриш бардошта ғулғулаи қиёмат, исёну ошӯб хезонданд.

[4] **Ҳамбид** – фуромад.

[5] **Санги Мир** – дар ҷониби ҷанубии Қалъаи Балҷувон майдони санглох воқеъ буда, дар таги қалъа санги азиме будааст, ки он ҷоро бо ҳамин унвон ном мебурданд.

6. Восеъ рафт сӯи Даштак[1],
Ба фақирон дод калтак,
Ҷамъ шуданд пеши Талхак[2]

7. Лақаё рафт Бориклара[3]
Мекунад мира пора,
Мир тарсид, задаш наъра.

8. Восеъ хамбид Дараи Борик
Рӯз равшан, шаб торик,
Мир тарсид аз халоиқ...

9. Восеъ хамбид Тути Қозӣ,
Мирора дохт да бозӣ,
Кардак у найзабозӣ.

## Савол ва супориш

**1.Шеърро хонед ва маънидод кунед.**
**2.Сабабҳои пайдоиши шӯриш дар кадом бандҳои суруд ифода шуданд?**
**3.Оҳанги суруд чиро ба хотир меорад?**

1. Восеъ марди майдонай,
Замину замон ларзонай,
Бегу қозӣ[4] ҳайронай.

2. Восеъ хамбид аз това,
Мири Балҷувона мекова,
Мега:«Бигирен, нарава!»

[1] **Даштак** – номи мавзее дар шимоли ғарби қалъаи Балҷувон.
[2] **Талхак** – номи сой дар ҷониби Даштак.
[3] **Бориклара** – номи дарае дар ҷануби шарқии Балҷувон.
[4] **Бегу қозӣ** – амалдорони аморат.

3. Амалдорон аз пасаш,
Монанди чуви ҳасан,
Восеъ монанди лочин,
Мега: «Занум, кунум яксин!»

4. Восеъ буд сабзинарӯ,
Одами калони чорпахлу,
Сарбозора зад ҳар сӯ,
Халқо Восеъра кард орзу.

5. Восеъ даромад дар майдон,
Монанди шери биёбон,
Хонаи мира кард вайрон.

6. Восеъ рафт сӯи Норак,
Купрукуш кардай порак,
Манғито шудай оворак.

7. Восеъ мега:«Ма мирум
Туткавула мегирум,
Чӣ медонум мембурум,
Сағирахо дар барум».

8. Восеъ рафтай Туткавул,
Рӯзи чанг зад дах овул,
Факирон шудан каровул.

9. Восеъ сари сангонай,
Пои аспуш лангонай,
Худуш марди майдонай.

10. Восеъ дар Кӯнадара,
Аспуш дар Ишкелдара,
Чашми чапуш мепара.

11. Баромадан рӯи банд,
Ҳанги дили мардум канд,
Факирора куштан ба фанд[1].

12. Хамбидану хамбидан
Рӯи Норак расидан,
Арзачира[2] қапидан.

## Савол ва супориш

**1.Ба назари шумо Восеъ чӣ гуна одам аст?**
**2.Ӯро дар кадом сурату сират тасаввур мекунед?**
**3.Мазмуни калимаҳои шевагиро аз порчаҳои суруд муайян созед (това, сагираҳо, факирон, чазир, хамбид, фанд, арзачӣ).**

1. Аз ҳисор омад сарбоз,
Шамшера карданд пардоз
Хатлона карданд тороч...

2. Восея бурданд Балчувон,
Бикуштанд ёшу чувон,
Хатлона карданд яксон[3]...

3. Дарвоза чӯби тут аст
Танаи Восеъ кабут аст,
Куштанаш рӯзи хут[4] аст.

4. Эй Акрами хунхӯр,
Сари Восеъра бибӯр,
Бурида даррав бихӯр.

[1] **Фанд** – фиреб
[2] **Арзачӣ** – аризадиҳанда, аризанавис, ҳабаркунанда.
[3] **Яксон** – ин чо ба маънои харобу талаву тороч кардан,ба хок яксон кардан омадааст.
[4] **Рӯзи хут** – моҳи ҳут аз рӯи моҳшумории пештара ба моҳи феврали соли 1885 рост меояд.

5. Дарвоза чӯби бед аст,
Хонаи Восеъ сафед аст,
Дили онаш ноумед аст...

6. Гулъизор монда ҳайрон,
Кӯзачаш сари сангон,
Хун мегиря чу борон.

7. Восеъ мега:«Ман мирум,
Мулло Назир вазирум,
Балҷувона мегирум.

8. Мақсади мо на мирӣ,
Маломатуم накунӣ,
Эй халқ, чува меховӣ?

9. Ҷамъ шавед, эй ёрон,
Асир нашавед, ба мирон,
Зулма дидед бепоён!...»

10. Отама бурдан Бухор,
Пӯшондан ҷомай гулдор,
Кашидануш рӯи дор,
Вой аламе Гулъизор!

11. Маҳрум мондум аз падар,
Ибрат шавад ба дигар,
Дод аз дасти ситамгар,
Вой аламе Гулъизор!

## Савол ва супориш

1. Муборизаи халқ ва муносибат ба золимон дар кадом бандҳои суруд инъикос ёфтааст?
2. Дар бораи марги Восеъ шумо чӣ гуфта метавонед?
3. Дар бораи мазмуни суруд ва моҳияти он нақли хаттӣ нависед. Дар он ҳатман симои Восеъро барҷаста тасвир намоед.
4. Мувофиқи хоҳиш 10 банди сурудро аз ёд кунед.
5. Боз кадом қаҳрамонони халқро медонед ва дар васфи онҳо кадом сурудҳоро шунидаед?

# ТАРОНАҲО

Тарона яке аз навъҳои маъмули эҷодиёти шифоҳии халқ аст. Тарона низ аз замонҳои қадим дар байни мардум шӯҳрат дошта, бо лаҳни махсус сароида мешавад.

Мавзӯи таронаҳо гуногун буда, дар онҳо кору зиндагӣ, орзую омоли инсон тавсиф карда мешавад. Оҳангнокӣ, соддагӣ ва равонӣ хусусиятҳои асосии таронаҳо мебошанд. Дар тарона омезишҳои рангбаранги зиндагӣ хеле содда ва моҳирона инъикос ёфтаанд. Ҳатто модарон таронаи «Алла»-ро ҳангоми хобондани тифлашон бисёр дилкаш месароянд:

Алла, ҷонам, аллаё, даврони ҷонам, аллаё,
Калон шавӣ, чаққон шавӣ, пурдон шавӣ, аллаё.

Таронахонӣ ба пешрафти кор ёрӣ мерасонад: ғаму андӯҳ ва кудуратро аз дил берун мекунад. Инсонро ба орзу ва амалҳои нек ҳидоят менамояд, фараҳ ва таскини дил мегардад.

Аксари ин таронаҳо эътирозу шикояти мардумонанд нисбати нобаробарӣ ва поймоли ҳуқуқи инсон, дунёи бевафо ва фалаки каҷрафтор. Чунончи:

Хирмане дорему худ як дон намегирем мо,
майдаё-майдаё,
Дар лаби оби равон лабташна мемирем мо,
майдаё-майдаё.
Дар хиёбон нола кардам хирмани гул дар гирифт-о,
майдаё-майдаё.
Ҳайфи рӯи беғуборам чангу хокистар гирифт-е,
майдаё-майдаё.
Дарди дандон дораму дандон ба дандон мондам-е,
майдаё-майдаё,
Рози дил дорам, забони баста ҳайрон мондам-е,
майдаё-майдаё.

Ҳӯп-ҳӯп-ҳӯп,
Майда-майда кӯб!
Ҳӯп-ҳӯп-ҳӯп,
Майда-майда кӯб!

**Савол ва супориш**

**1.Дар бораи тарона маълумот диҳед.**
**2.Таронаҳо дар кадом мавзӯъҳо гуфта шудаанд?**
**3.Оё идомаи таронаи «Алла»-ро аз ёд хонда метавонед? Агар натавонед, аз модаратон ё бибиатон пурсида навишта гиред.**
**4.Таронаи «Майдаё»-ро кадом вақт мехонанд?**
**5.Аз рӯи нақли муаллим дар мавзӯи «Хирманкӯбӣ» иншо нависед ва аз ин тарона истифода баред.**

## ТАРОНАИ БОФАНДАГОН

Дар эҷодиёти шифоҳӣ таронаҳое низ мавҷуданд, ки андар нохушиҳои умр ва меҳнати тоқатфарсову миёншикан гуфта шудаанд.

Таронаи бофандагон аз ин қабил таронаҳост, ки ғамангез садо медиҳанд. Дар он зане аз рӯзгори нохуш ва

азоби бандагӣ ва гаронии кор ва беқадрии касби бофандагӣ бо сӯзу гудоз ҳарф мезанад. Ин тарона як навъ шикоятномаест аз рӯзгори талх ва сангини бофандагон ва косибон:

Дилакам зардоб шуд аз чақ-чақи бофандагӣ,
Чашмакам пуроб шуд аз риштаҳои кандагӣ.
Аз саҳар то шом почак мезанам дар чаҳ-чаҳак,
Қоматам дар тоб шуд аз кору бори зиндагӣ.

Рӯз то шом дастгаҳам дар дамгаҳам чақ мезанад,
Субҳ то шом кампири бечора вақ-вақ мезанад.
Субҳи содиқ устокор дарвоза тақ-тақ мезанад,
Рангакам бетоб шуд дар зери бори зиндагӣ.

Ҳафтаи аввал дучарха нимча ресмон тофтам,
Ҳафтаи дуюм ба зӯр як ҷӯра карбос бофтам,
Аз фурӯши устокор як эни арзон ёфтам,
Туф кунед, эй дӯстон, бар рӯи ин ёбандагӣ.

Духтари бемор дар кунҷак кашокаш мекунад,
Кампир аз баҳри пиёба дег оташ мекунад,
Бачаяк аз гушнагӣ по мезанад, ғаш мекунад,
Танакам абгор шуд аз куртаҳои ҷандагӣ...

### Савол ва супориш

1.Гӯяндаи таронаи боло аз чӣ шикоят ва ҳикоят кардааст?
2.Аз тарона бар меояд, ки офарандаи он аҳли касби бофанда аст, пас чаро зиндагии ӯ чунин тоқатфарсост? Қисмҳои таронаро аз ҷиҳати мазмун ба ҳам қиёс намуда, хулосаатонро баён намоед.
3.Оё имрӯз ҳам аҳволи бофандагон ҳамин тавр аст?
4.Таронаро аз бар кунед.

## ТАРОНАИ БАҲОР

Дар таронаи **Баҳор** айёми шукуфа ва баҳори хучастапай бо ҳазорон бӯи хушу рангомезиҳояш тасвир ёфтааст. Қаҳрамони ин тарона, ки аз зиндагӣ шояд масрур бошад ва аз бешу ками рӯзгор ғаме надорад, баҳорро зебову нозанин дида аз фарорасии он мужда медиҳад.

Дар таронаи **Гандум** бошад, манзара тамоман дигар аст. Гандум ба забон омада нола мекунад. Нола мекунад аз он, ки чӣ сон пастиву баландиҳои умрро паси сар карда, аз ҷавонӣ ба пирӣ мерасад. Чӣ сон азобаш доданд, ба кучоҳо афтод, чӣ кард ва оқибат баъди азобҳо ҳамнафаси оташи сӯзон гашта нон шуд ва шоистаи ҳар дастархон гашт.

### БАҲОР

Мужда, ки омад баҳор,
Сабзаву гул бешумор.
Оби фаровон ба боғ,
Гашта равон дар канор.
Ғунчаву парвона шуд,
Зинда ба бӯи баҳор
Булбули обӣ кунад,
Ғулғула дар ҷӯйбор.
Карда шукуфа ба боғ,
Дарахти себу анор.
Бар лаби оби равон,
Сояи беду чанор.
Ку-кузанон фохта,
Нишаста бар шохсор.
Бар шохи сарви баланд,
Нола кунад зор-зор.
Зи хона мӯру малах,
Гашта равон сӯи кор,
Ту ҳам бидав пушти кор,
Ҳастӣ агар ҳушёр.

## Савол ва супориш

1. Баҳор чӣ хел фасл аст? Дар бораи баҳор боз кадом суруду таронаҳоро медонед?
2. Шеърро хонда маънидод кунед.
3. Дар мавзӯи **«Омад баҳор»** иншо нависед.
4. Шеърро аз ёд кунед.

### ГАНДУМ

Гуфт гандум саргузашти худ чунин:
«Будам аввал дар адам[1] манзилгузин[2].
Баъд аз он дар хокзорам коштанд,
Бе анису мӯнисе бигзоштанд.
Боди тунде бар сари сабзам вазид,
Шуд ҷавонӣ, навбати пирӣ расид.
Сар ҷудо кард аз танам деҳқон ба дос,
Коҳ гардидам, бипӯшидам палос.
Поймоли гов гаштам ногаҳон,
То шудам, алқисса, дар бори харон.
Гаҳ муқайид[3] дар буни анбон[4] шудам,
Гоҳ дар ғирбол[5] саргардон шудам.
Бар сарам гардид санги осиёб,
То баромад гардам аз ҷони хароб.
Муштҳо хӯрдам ба ҳангоми хамир,
То ниҳодам пой берун аз фатир.
Баъд аз он дар оташи сӯзон шудам,
Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам.

---

[1] **Адам** – олами нестӣ, нобудӣ.
[2] **Манзилгузин** – ҷойгир.
[3] **Мукайид** – банд.
[4] **Буни анбон** – халтаи чармин.
[5] **Ғирбол** – элак.

## Савол ва супориш

1. Шеърро қироат кунед ва муайян намоед, ки дар кадом шакл эҷод гардидааст?
2. Гандум аз чӣ менолад? То ба кучост роҳи ӯ?
3. То нон шудану шонстаи дастархон шудан гандум чӣ азобҳоро аз сар гузаронд?
4. Дар бораи нон ва қадру қимати он ҳикоя нависед.
5. Шеърро аз бар намоед.

### БАДЕҲА

Бадеҳа як навъи сурудҳои халқӣ ба ҳисоб меравад. Бадеҳаро суруди ишқии ҳазломез низ номидан мумкин аст, зеро аксарияти бадеҳаҳо дар мавзӯи ишқ, бо оҳанги ҳазлу шӯхӣ эҷод гардидаанд. Одатан бадеҳаҳо аз тарафи ду кас гуфта шуда, дар маъракаҳои хурсандии тӯй ва зиёфат дар ҳузури тамошобинон иҷро мешаванд. Иҷрокунандагони бадеҳа ҳатман бояд зану мард бошанд. Ҳангоми сурудани бадеҳа рақс ва ҳар гуна ҳаракатҳои шавқовар, ишораҳои маънодор ба воситаи чашму абрӯ, ҳаракатҳои гуногуни бадан /пайкар/ ва мусиқии шӯх шарти асосист.

Ҳаҷву ҳазл дар бадеҳа мавқеи калон дорад. Дар бадеҳаҳои халқӣ ҳаҷв кардани урфу одатҳои бади ҳаёти шахсии оилавӣ, муносибати модару духтар /ё падару духтар/, додару хоҳар, ҷавону духтари ошиқ ва монанди инҳо тасвир карда мешавад. Бадеҳаҳои машҳур ва маъмул зиёданд. Дар яке аз бадеҳаҳои машҳур-Гулпарӣ ҳазли нарму форамро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ошиқи бадрашк аз маъшуқаи худ бадгумон шуда, изтиробу ташвиш зоҳир менамояд. Маъшуқаи танноз бо суханони нарму гуворо ӯро ором мекунад.

## ГУЛПАРӢ

**Писар:**

Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
имшаб лаби бомат кӣ буд?

**Духтар:**

Ҷон-акаҷон, касе набуд,
атторбачек омада буд,
Атторбачек омада буд,
ӯсмаи тар оварда буд.

**Духтарҳо:**

Атторбачек омада буд,
ӯсмаи тар оварда буд.

**Ҳама:**

Ҷигӣ-ҷигӣ ҷангаш макун,
зулфакоша қайчӣ макун.

**Писар:**

Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
дишаб ба долонат кӣ буд?

**Духтар:**

Ҷон-акаҷон, касе набуд,
заргарбачек омада буд.
Заргарбачек омада буд,
гӯшвори зар оварда буд.

**Духтарҳо:**

Заргарбачек омада буд,
гӯшвори зар оварда буд.

**Ҳама:**

Ҷигӣ-ҷигӣ ҷангаш макун,
зулфакоша қайчӣ макун.

**Писар:**

Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
дишаб ба чорбоғат кӣ буд?

**Духтар:**

Ҷон-акаҷон, касе набуд,
боғбонбачек омада буд.

Боғбонбачек омада буд,
дастаи гул оварда буд.

**Ҳама:**

Чигӣ-чигӣ чангаш макун,
зулфакоша қайчӣ макун.

**Писар:**

Эй бути паймоншикан,
ин расма кай бардоштӣ,

**Духтар:**

Ин қадар чабру ситам бар ман раво медоштӣ.

## Савол ва супориш

1. **Бадеҳа чист? Дар боран фарқи бадеҳа ва дигар намудҳои адабӣ маълумот диҳед.**
2. **Ба хотир биёред, ки ин бадеҳаро дар ичрои киҳо шунидаед ва онро ба пуррагӣ нақл намоед.**
3. **Ҳангоми сурудани бадеҳа кадом чиҳатҳои зоҳирии ичрокунандагон диққатчалбкунанда ва хотирнишин аст?**
4. **Мазмуни бадеҳаро гӯед.**

### ШОҲДУХТАР

Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон!
Абрукат ба ман бинму, шавам ба ту ғулом!
Абрукам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор ӯсма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.
Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон!
Чашмакат ба ман бинму, шавам ба ту ғулом!
Чашмакам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор сурма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.
Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон!
Рӯякат ба ман бинму, шавам ба ту ғулом!
Рӯякам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор кулча надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

**1.Мазмуни сурудро гуфта дихед.**
**2.Ба назари шумо ҳаракатҳои духтар ва писар ҳангоми ичрои ин суруд чӣ гунаанд?**
**3.Чаро духтар рӯяшро ба писар нишон намедиҳад?**
**4.Ин сурудро аз ёд кунед.**

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

Рубоӣ калимаи арабӣ буда, маънои чорро ифода мекунад. Яъне порчаи тараннумие, ки аз чор мисраъ иборат аст, рубоӣ ном дорад. Дубайтӣ аз навъҳои қадимаи шеъри тоҷикӣ буда, он ҳам чормисраӣ мебошад. Одамон ба воситаи рубоӣ ва дубайтиҳо дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд.

Мавзӯи рубоиёти халқӣ ва дубайтиҳо гуногун аст: ғарибӣ, шикоят аз зулм, фироқи дурӣ, орзую умеди дидорбинӣ аз ёру дӯст, ишқу муҳаббат ва ватандӯстӣ. Дар рубоӣ ва дубайтиҳо табиат низ ситоиш меёбад.

Дар рубоӣ ва дубайтиҳо фикру хаёл, имконият, ҳасрат, ранҷиш, рашк, ғазабу эътироз изҳор мегардад ва ҳамаи он лаҳзаҳои зиндагӣ, ки ба дилҳо таъсире мегузоранд, тасвир мешаванд. Чунончи:

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурдан маро сагони қозӣ.
Тирон бошаву кӯшакамоне созӣ,
Бар синаи золимон ту тир андозӣ.

Рубоиҳои халқии тоҷикӣ ва дубайтиҳо аз ҷиҳати гуногунмазмунию ғоянокии худ мавқеи калон дошта, яке аз жанрҳои машҳуртарини назми лирикии халқӣ ба ҳисоб мераванд.

Рубоӣ ва дубайтиҳо аз ҷиҳати шакл ва сохти худ аз дигар намудҳои назми халқӣ бо кӯтоҳӣ, рехтагию суфтагӣ ва хушоҳангӣ фарқ мекунад.

Таркиби бештари рубоиҳои халқӣ ба тарики зайл қофиябандӣ мешаванд: ааба, яъне мисраи якуму дуюм ва чорум ҳамқофия буда, мисраи сеюм озод аст. Ғайр аз ин, рубоиҳои халқӣ ба тарики аабб, аааа, яъне баъзан ҳар ду мисраъ ва гоҳе ҳар чахор мисраъ бо як қофия омада метавонанд. Дар рубоиёти халқӣ радиф бештар истифода бурда мешавад. Қофиябандии дубайтӣ асосан ааба буда, бо аааа ва абвб низ эҷод мешаванд.

### Савол ва супориш

1.Рубой чист?
2.Тарзҳои кофиябандии рубоиёти халқӣ ва дубайтиҳоро гуфта диҳед.
3.Нақшаи зерро омӯзед ва оид ба радифу қофияҳо андешаатонро баён кунед

### Нақшаи қофия ва радиф дар рубоиҳо ва дубайтиҳои халқӣ

| Шакли пурраи рубоиҳо ва дубайтиҳои халқӣ | Калимаҳои ҳамқофия | Сохти қофия | Радиф |
|---|---|---|---|
| Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,<br>Фалак тире задаст бар шонаи ман.<br>Фалак тире задаст, пайкон надорад ,<br>Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман. | «хона»<br>«шона»<br><br>«паймона» | а а б а | Калимаи «ман» радиф аст. |
| Дар ғарибӣ гашта-гашта<br>ранги зард овардаам,<br>Ранги зардамро ба пеши<br>аҳли дард овардаам.<br>Ранги зардамро бубину<br>аз хазонам ёд кун,<br>Бар сари қабрам нишину<br>як даме фарёд кун. | «зард»<br><br>«дард»<br><br>«ёд»<br><br>«фарёд» | а а б б | Калимаи «овардаам» ва «кун» радиф шуданд. |

# НАМУНАҲО АЗ РУБОИЁТ ВА ДУБАЙТИҲОИ ХАЛҚӢ

## ҒАРИБӢ

Лаънат ба касе, ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаду ояд ба ватан,
Ин мурдаи садсола зи нав зинда шавад.

Ай хуна баромадум, чашмум ба намай,
Чашмам ба намасту дилакам пураламай.
Мардум меган ба дилакут чӣ аламай?
Ин доғи мусофирӣ гирдоби ғамай.

Сарчашмаю боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавою бустонай ватанум.
Як бор агар бод барад бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Мо булбули мастем, чаман нест моро,
Мо марди мусофирем, ватан нест моро.
Ин умри азиз беватан мегузарад,
Кардем сафари дуру кафан нест моро.

Дар ғарибӣ агар марг расад бар баданум,
Ку модари дилсӯз, ки дӯзад кафанум.
Товути маро ҷои баландӣ мунед,
Шояд, ки расад бӯи ватан дар баданум.

Эй очаи ҷун, чуба калонум кардӣ,
Ширум додию ситам ба ҷонум кардӣ.
Аввал ба азизиҳо калонум кардӣ,
Охир ба ғарибиҳо равонум кардӣ.

Эй кафтари сарсафед, болат канда,
Ту ёраки нав гирифтӣ, дар лаб ханда.

Сазои сарам, ки дар ғарибӣ мурдам,
Ёдам накунӣ, ки мурдаам ё зинда.

Ҷонона, баҳор шудай, кай меой?
Вақти гули хор шудай, кай меой?
Ту ваъда ба барфои зимистон додӣ,
Барфо ҳама об шудай, кай меой?

Имрӯз манам гандумаки сабз ба дашт,
Ҳайфи умрам, ки дар ғарибӣ бигзашт.
Хешони ватан, агар маро ёд кунед,
Ҷавру ситами замона имсол гузашт.

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош гадо буд, ба Канъон хуштар.

Шамолак мевазад бар барги гандум,
Мусофир гаштаам дар шаҳри мардум.
Мусофирӣ маро дилгир кардаст,
Фалак бар гарданам занҷир кардаст.

Дар шаҳри мусофирӣ дилам ҳаст хиҷил,
Бечораю бекасам, биё дастам гир.
Не дӯсти наздик дораму не ёри қарин,
Дар мулки шумо мисоли ман нест фақир.

Имшаб чӣ шабе насиҳатам дод падар:
Зинҳор ба кӯи нокасон ранҷ мабар.
Гар ранҷ барӣ, ба мардуми асл бубар,
То ранҷи ту зоеъ нашавад, ҷони падар!

Нохонда марав ту бар сари хони касе,
Беқадр шавӣ, агар хӯрӣ нони касе.
Як порчаи нони қоқу як косаи об,
Беҳтар зи ҳазор мурғи бирёни касе.

**Савол ва супориш**

1. Ҳисси ваҳдат, дӯстӣ ва ватанхоҳии мардум дар ин рубоиҳо ва дубайтиҳо чӣ тавр ифода ёфтааст?
2. Ин рубоиҳо ва дубайтиҳо ба шумо чӣ таассурот бахшид?
3. Оё дарк кардед, ки дур аз Ватан будагон чӣ зиндагие доштаанд?
4. Бо ёрии муаллим ба чанд рубоӣ ва дубайтӣ шарҳ нависед.
5. Рубоиҳо ва дубайтиҳоро /интихобан/ аз ёд намоед.

## САНЪАТИ ТАКРОР

Дар баъзе мавридҳо дар порчаи назмӣ ягон калима ё ибора дар як ё якчанд байт гаштаву баргашта такрор меёбад. Ин чиз барои беҳтар зоҳир гаштани фикри асосӣ ёрӣ мерасонад.

Масалан, чанд байт аз як ғазали Лоҳутӣ:

Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан!
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, меҳан, эй меҳан!
Ту будам кардӣ аз нобудию бо меҳр парвардӣ,
Фидои номи ту буду набудам, меҳан, эй меҳан!
Фузунтар гармии меҳрат асар мекард, чун дида,
Ба ҳоли пуразобат мекушудам, меҳан, эй меҳан!
Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ,
ба ҳар мотам,
Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, меҳан,
эй меҳан!

Тавре ки мебинем, дар ҳар байти ин шеър калимаи **меҳан** – Ватан ду бор такрор шуда омадааст, ки фикри шоирро таъкид менамояд.

Мо ҳеч, замона ҳеч, дунё ҳама ҳеч,
Эй ҳеч, зи баҳри ҳеч бар ҳеч мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ чӣ мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеч.

Сад масҷиду сад работ обод кунӣ,
Сад банда ба зар харида озод кунӣ.
Сад сол ба рӯза бошию шаб ба намоз,
Беҳ з-он набувад, ки як диле шод кунӣ.

Санъати суолу ҷавоб яке аз намудҳои волои воситаи тасвир дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттист. Ин санъат барои баён намудани эҳсосоти баланди қалбӣ ба эҷодкор кӯмаки калон мерасонад. Таърихи ин санъат басо қадима буда, ба ҳазорсолаҳо мерасад. Шояд нахустин бор устод Рӯдакӣ ба ин санъат шеър эҷод намудааст. Чунончи:

Омад бари ман!
- Кӣ?
- Ёр!
- Кай?
- Вақти саҳар!
Тарсанда зи кӣ?
- Зи хасм.
- Хасмаш кӣ?
- Падар!

Ё шайх Камоли Хуҷандӣ гуфтааст:

Гуфтам: Малакӣ ё башарӣ? Гуфт, ки: Ҳар ду,
Кони намакӣ ё шакарӣ? Гуфт, ки: Ҳар ду.

## ЧИСТОН

Чистон яке аз навъҳои машҳури эҷодиёти шифоҳии халқ аст. Чистонро дар адабиёт луғат низ меноманд. Калимаи

чистон аз **чист он** сохта шудааст. Таърихи чистон аз замонҳои қадим ба мо маълум аст.

Дар даврахои қадим одамон бисёр чизҳоро дар гирду атрофи худ ва дар табиат медиданд ва хислату рафтори онҳоро дақиққорона ба мушоҳида мегирифтанд. Мисол, осмонро чодар мегуфтанду ситорагонро ба танга ташбеҳ мекарданд. Ё худ мегуфтанд, ки чист он, ки дасту по надорад, дарвоза мекушояд. Баъд аз лаҳзае ҷавоби чистон ёфт мешуд /бод/. Ҳамин тавр, тадриҷан бо тақозои давру замон мазмуни чистонҳо низ вусъат ёфт ва ҷаззобу рангин гардид, ба ҳар як ашё ва ҳодисаи табиату ҷомеа нигариста, дар боби он чистон меофариданд, ки аломатҳо ва нишонаҳои онро дарёфтан оқилӣ ва хирадмандиро тақозо дорад.

Саромадони назми классикии тоҷик аз Рӯдакӣ сар карда, дар эҷодиёташон ин воситаи тасвирро фаровон истифода бурда, онро боз ба халқ баргардонидаанд.

Шоирон аз эҷодиёти халқ илҳом гирифта бисёр чистонҳои дилчасп ва пурмазмун гуфтаанд, ки то ҳол дар байни мардум машҳуранд. Масалан, дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Восифӣ, Ибни Ямин ва дигарон чистон хеле фаровон ба назар мерасад. Шоирони муосир низ ба чистонгӯиву чистонёбӣ маҳорати беандоза доранд, аз қабили А. Лоҳутӣ, С. Ҷавҳаризода, М. Миршакар, В. Асрорӣ, У. Раҷаб ва дигарон.

**Тарзҳои эҷоди чистон.** Дар чистон аломат ва хусусиятҳои аниқу муайяни ин ё он ашё ба воситаи **киноя, маҷоз, муболиға, ташбеҳ** ва ғайра баён мешавад.

Аз хеш хешат бинам,
Дуру дарвешат бинам.
Эй бобии мӯйсафед,
Аз ҳама пешат бинам.

**(зимистон)**

Дар шаби тор нисфи фатир,
Атрофи он арзанхамир.

**(моҳу ситора)**

Шохе дидам, ки хафт кишвар дорад,
Сесад ҳараму ду моҳи анвар дорад.
(ҳафта ва 365 рӯз)

Ҳамдаме дорам, ки беовоз сӯҳбат мекунад,
Бе даҳону бе забон наклу ривоят мекунад.
Ҳушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз кадомин фан ки хоҳӣ, ӯ ҳикоят мекунад.
(китоб)

Кист мунаввар сохт оламро?
Кист донишвар сохт одамро?
(муаллим)

Гуле бошад, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар бозор бошад.
На ӯро кас харад, на кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад.
(илм, дониш)

Субҳ дамид,
Боғ сермева шуд.
(мактаб)

Мисли тарбуз лӯндаву аммо нарӯяд аз замин,
Бе замин аммо намешуд шакли вай тарбуз барин,
Гар ту ҳастӣ бохабар аз илму олам, чист он?
Бе ҳамон ҳаргиз надонӣ рӯи олам инчунин.
(глобус - кураи арз)

Рангобаранг дастархон
Дар вай тамоми осмон.
(харита)

Об мехӯрад, даранда нест,
Лаҷом дорад, даванда нест.
Бор мекашад монанди фил,
Тез меравад, паранда нест.

(ҳавопаймо)

Шутур қатори гулдор,
Баландовози мағрур.
На ҷав хӯрад на гандум,
Кашонад моли мардум.

(поезд)

Як саволе аз ту дорам, эй ҷавони боҳунар,
Дар биёбоне бидидам як аҷоиб ҷонвар.
Мӯрпою морчашм, лайлакпару аждаршикам,
Филгардан, шерсина, уштурзону, аспсар.

(малах)

Чист он гунбазе, ки ӯ бедар,
Андарун духтарон бувад яксар.
Ҳоли он духтарон агар пурсӣ,
Ҳама хуниндиланд дар чодар.

(анор)

Чист он лӯъбат, ки дорад сад синон болои сар,
Безабон, бечашму гӯшу ҷон, дорад болу пар,
Одамӣ ӯро ба каҷханҷар кунад забту ҳалок,
Аз ақиби ҳар синонаш лаълу дур ояд бадар.

(хӯшаи гандум)

Як гиёҳе дар замин рӯяд, ки онро хар хӯрад,
Гар ба дасти шоҳ афтад, мулки Искандар хӯрад.
Рафтанаш роҳи сафед, қай карданаш хуни сиёҳ,
Аз давидан гар бимонад, бар сараш ханҷар хӯрад.

(найқалам)

Уштури гардандароз,
Меравад дуру дароз.
**(дарё)**

Аз осмон афтад намешиканад,
Аз дарахт афтад мешиканад.
**(барф)**

Меравад, меравад роҳи худро гум намекунад.
**(дарё)**

Сандуқи сахти яктана,
Такя накун, мешикана.
**(ях)**

Болои бом
Шӯлапазон
**(жола)**

Тез омаду тез омад,
Рӯ рӯи санг хез омад.
**(сел)**

## Саволу супориш

1. **Ҷавобҳоро муқоиса намуда, то кадом дараҷа маҳорати баланди муаллифони чистонҳоро фаҳмонед.**
2. **Чаро дарёро ба уштури гардандароз монанд кардааст?**
3. **Монанд намудани як чиз ба чизи дигарро чӣ меномаид?**
4. **Аз байни ин чистонҳо кадомаш ба шумо бештар маъқул шуд? Барои чӣ?**
5. **Боз шумо дар бораи ях, дарё, барф чӣ хел чистонҳоро медонед?**

**Чистон – булбулакон** аз саволу ҷавоб иборат аст. Савол дар доираи асбоби рӯзгор ва ё ҳамон маҳал дода мешавад. Ҷавоби чистон – булбулакон он қадар душвор нест. Аслан

чистон – булбулакон ҳангоми хоб аз ҷониби модар ё бибӣ гуфта мешавад ва хурдтаракон бо як самимияти ба худ хос ба он ҷавоб мегӯянд. Чунончи:

**Саволдиҳанда:** Чистон булбулакон хонаи кӣ?

**Ҷавобдиҳанда:** Чанд марду чанд зан?

**Саволдиҳанда:** Панҷ марду ду зан.

Сипас, ҷавобдиҳанда фикран аҳли оилаи ҳар як хонадони деҳаро аз лавҳи хотир мегузаронад ва ҳайати лозимро пайдо менамояд ва посух медиҳад: Хонаи Абдулло, чунки онҳо ба ҳамин шумор зиндагӣ доранд.

Чистон – булбулакон дар шаклҳои дигар низ гуфта мешавад. Масалан:

Султон кучо, таг-таги бед,
Султон кучо, таг-таги тут,
Чӣ мехӯрад гураи тут.
Султон кучо…
Чӣ мехӯрад …

Ва ё

– Чӣ парид? – Мурғ парид!
– Чӣ парид? – Кабк парид!
– Чӣ парид? - …

Ҳангоми нақли афсонаҳо барои мағлуб кардани ҳариф баъзан саволҳои муаммодор ва норавшан гузошта мешаванд, ки ин мушкилот боиси пайдо шудани чистон-масъалаҳо мегардад.

Дар чистон-масъалаҳо он чӣ пеши назари гӯянда аст, пинҳон мемонаду танҳо ишорае ҳалли онро металабад:

Агар булбул ба гул як-як нишинад, як булбул зиёдӣ мекунад ва агар булбул ба гул ду-ду нишинад, он гоҳ як гул боқӣ мемонад. Ҳар кадом чанд адад будааст?

Ҷавоб: Булбул 4 адад ва гул 3 адад будааст.

## Савол ва супориш

**1.Чистонҳои халқиро ба чанд намуд ҷудо кардан**

мумкин аст?

**2.Калимаи чистон ва баромади таърихии онро гӯед.**

**3.Чистон-афсона чӣ гуна аст?**

**4.Дар чистонҳо кадом санъатҳои бадеӣ кор фармуда мешаванд?**

**5.Кадом афсонаҳоро медонед, ки чистон-масъала доранд?**

**6.Диққат кунед, дар поён кадом намуди чистон оварда шудааст?**

Подшоҳе мехост бо роҳи баҳр ба сафар бароядд. Посбоне ба назди шоҳ омад, заминро бӯсиду гуфт:

– Эй подшоҳи олампаноҳ, ба сафар баромадани шумо дар ин се рӯз хайр нест. Мавқуф бигузоред ин сафарро.

Шоҳ гуфт:

– Аз куҷо медонӣ?

Посбон гуфт:

– Хобе дидам, ки дар баҳр тӯфони азиме хеста…

Подшоҳ дар сафар таъхир кард, то се рӯз гузашт.

Пас он подшоҳ посбонро наздаш хонд ва инъомҳо дод ва ҳамчунин фармуд, ки ҳабсаш кунанд.

Чаро шоҳ чунин рафтор кард?

**7.Ҷавоби ин масъаларо ёбед.**

**8.Чистонҳоро ҳифз кунед.**

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ РАМЗУ КИНОЯ. МАЪНОИ АСЛӢ ВА МАҶОЗИИ КАЛИМАҲО

Киноя маънои зид ва мухолиф, қасд карда гап задан мебошад. Масалан, баъзан чунин суханро мешунавед.

**Дара задам – девор кафид.**

Ин сухан дар ҳаққи одами камфаҳме, ки ҳақиқати гапро нафаҳмида ғавғо мебардорад, гуфта шудааст. Ин кинояи нозуки халқӣ мебошад.

Дар назм ҳам баъзан суханҳои кинояомезро истифода мебаранд. Масалан, аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода байтеро меорем.

Вақти он аст, ки ин «меҳмон»
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон.

Дар ин порча калимаи **«меҳмон»** киноя аст, аз ҳамин сабаб ба ноҳунак гирифта шудааст. **«Меҳмон»** гуфта шоир истисморгарони хориҷиро меномад, ки ба Ҳиндустон бетаклиф омада ин халқро бо зӯрӣ ба зери асорати худ гирифтанд.

Калимаҳо дар нутқ на танҳо ба маънои аслии худ, балки ба маънои маҷозӣ низ истеъмол мешаванд. Агар калима ба маънои аслии худ кор фармуда шуда бошад, онро маънои аслии калима меноманд. Баъзан калимаҳо маъноҳои дигарро низ ифода мекунанд. Масалан, ба чанд зарбулмасал таваҷҷӯҳ кунед: «Дасти одамизод гул аст», «Дониш чароғи ақл аст», «Номи баланд беҳ аз боми баланд» ва ғайра. Дар ин мисолҳо калимаҳои **гул, чароғ, баланд** ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ кор фармуда шудаанд. Гулро чун рустанӣ ҳама медонем, вале дасти одамро чун гул танҳо тасаввур намудан мумкин аст. Дар ин зарбулмасал дасти меҳнатии одамро, ки аз ӯҳдаи ҳамаи корҳои зебо мебарояд, **гул** номидаанд. Ё ин ки номи баланд ба маънои бо корҳои хуб номи худро машҳур кардан омадааст. Яъне калимаи **«баланд»** ба маънои ғайриаслӣ кор фармуда шудааст.

Ба маънои ғайриаслӣ кор фармуда шудани калимаҳо ва ибораҳоро **маҷоз** меноманд.

Калима ва ибораҳои маҷозӣ хеле маъмуланд . Маҷозан кор фармудани калима нутқро зебо ва пуртаъсир месозад.

## Савол ва супориш

**1.Нақли мухтасар тартиб дода, дар он ибора ва ё зарбулмасали маҷоз доштаро истифода баред.**
**2.Аз байти додашуда калимаҳои маҷозиро муайян кунед:**

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.
**Ҳофизи Шерозӣ**

# УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Унсурулмаолии Кайковус дар аввалҳои асри XI (тақрибан солҳои 20-уми он) дар вилояти Кӯҳистони Эрони Шимолӣ таваллуд шуда, то солҳои навадум умр ба сар бурдааст. Ному насаби ӯ Унсурулмаолӣ Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмгир ибни Зиёр аст. Дар бораи зиндагиномаи ин донишманди носеҳ маълумоти қазоие нест. Ҳаминаш маълум аст, ки бобо ва падари Унсурулмаолӣ аз ҷумлаи одамони маърифатноки замони худ будаанд. Аз ин сабаб Унсурулмаолӣ ҳам аз илму дониши замонааш хуб баҳраманд шудааст.

Падараш кӯшиши зиёд ба харҷ дода донишмандони фанҳои гуногун ва ҳунармандонро ба таълими фарзандаш ҷалб намудааст. Ва ин анъанаро Унсурулмаолӣ низ идома дода, барои тарбияи фарзанди худ – Гелоншоҳ насиҳатномае мураттаб месозад, ки бо номи **«Қобуснома»** маълуму машҳур аст. Хонанда аз мутолиаи ин асар шахси фозилу донишманд, ҷаҳондидаву хирадманд будани муаллифашро тасаввур хоҳад кард.

**«Қобуснома»** асари соф бадеӣ набуда, асосан асари тарбиявӣ мебошад. Он аз 44 боб иборат буда, ҳар боб ба масъалаҳои гуногуни ахлоқу одоб, расму оин, маишату рӯзгордорӣ, оилаву хонадорӣ, таҳсили илм, омӯзиши касбу ҳунар, санъату варзиш, сиёсату идораи мамлакат ва дигар масъалаҳои зиндагии инсон бахшида шудааст.

Дар бобҳои гуногуни **«Қобуснома»** Унсурулмаолӣ ҷоҳилӣ, фиреб, худписандӣ, бадгӯӣ, кинаву бахилӣ, риёву ситам барин хислатҳои зиштро маҳкум намуда, дӯстию рафоқат, накӯкориву ростӣ, ҷавонмардию саховатмандӣ, фурӯтанию беозорӣ ва дигар фазилатҳои ҳамидаи инсониро ситоиш ва талқин мекунад.

Унсурулмаолӣ худ одами донишманд буд, бинобар ин ба

фарзандаш низ насиҳат мекунад, ки илму касбҳои гуногунро омӯзад, ки дар зиндагӣ ба кор оянд.

Нависандаи ҷаҳондида ва таҷрибаи зиндагиандӯхта таъкид мекунад, ки мактаби ҳаёт сабақҳои ибратбахш дорад ва аз онҳо бо маҳорат истифода бурдан ва дар таҷрибаи корӣ амалӣ гардондан мувофиқи матлаб аст.

Як худи номбар кардани мавзӯъҳои баҳскардаи нависанда чӣ қадар доманадору барои зиндагӣ заруранд: андар шинохтани ҳаққи падару модар, андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар, андар тартиби пириву ҷавонӣ, тартиби хӯрдан ва оини он, андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан, андар оини гармоба рафтан, андар амонат нигоҳ доштан, андар фарзанд парваридан, андар оини дӯст гирифтан, андар тиҷорат кардан, андар оину расми деҳқонӣ, андар оини ҷавонмардӣ ва ғайра.

Панду насиҳат ва ҳикояту ривоятҳои **«Насиҳатнома»** барои хурду бузург дар гузашта, имрӯзу фардо дастури амали ҳар як фарди равшанзамир ва инсони ботадбир хоҳад буд.

## НАМУНАҲОИ ҲИКОЁТИ УНСУРУЛМАОЛӢ

### САМАРИ НЕКӢ

Шунидам, ки дар он рӯзгор, ки Мутаваккил халифа дар Бағдод буд, ӯро бандае буд Фатҳ ном, бағоят хубрӯю рӯзбеҳ ва ҳама ҳунарҳову адабҳо омӯхта. Мутаваккил ӯро ба фарзандӣ пазируфта ва аз фарзандони худ азизтар доштӣ. Ин Фатҳ хост, ки шино кардан омӯзад. Маллоҳон[1] биёварданд ва ӯро дар Даҷла[2] шино кардан ҳамеомӯхтанд ва ин Фатҳ ҳанӯз кӯдак буд ва бар шино кардан далер нагашта буд.

---

[1] **Маллоҳ** – устоди шиноварӣ, киштирон.

[2] **Даҷла** – номи дарёест дар Ироқ.

Ва аммо чунон ки одати кӯдакон бувад, аз худ менамуд[1], ки шино омӯхтаам. Як рӯз пинҳонӣ аз устод ба Дачла рафт ва андар об çаст. Ва об тез ҳамеомад. Фатҳро бигардонид.

Фатҳ чун донист, ки бо об басанда наёяд, худро ба об гузошт[2] ва бар рӯи об ҳамерафт, то аз дидаи мардум нопадид гашт. Чун вайро обпорае бибурд, бар канори Дачла сӯрохиҳои оббурда буд. Чун ба канори об ба сӯрохӣ бирасид, çаҳд кард ва даст бизад ва худро андар он сӯрох андохт ва он çо бинишаст ва бо худ гуфт, ки то Худой чӣ хоҳад. Бад-ин вакт боре худро аз ин оби хунхор çаҳонид ва ҳафт рӯз он çо бимонд.

Ва аввал рӯз, ки хабар доданд Мутаваккилро, ки Фатҳ дар об çасту ғарқа шуд, аз тахт фуруд омад ва бар хок нишаст ва маллоҳонро бихонд ва гуфт:

– Ҳар кӣ Фатҳро мурда ё зинда биёрад, ҳазор динораш бидиҳам. Ва савганд[3] хӯрд, ки то он гоҳ ки вайро бар он ҳол, ки ҳаст, наёранд, ман таом нахӯрам.

Маллоҳон дар Дачла рафтанд ва ғӯтта мехӯрданд ва ҳар çой талаб мекарданд, то сари ҳафт рӯз иттифоқан маллоҳе бад-он сӯрох расид. Фатҳро бидид. Шод гашту гуфт:

– Ҳамин çо бош, то завраке биёрам. Аз он çо бозгашт ва пеши Мутаваккил рафт ва гуфт:

Ё амиралмӯъминин, агар Фатҳро зинда биёрам, маро чӣ диҳӣ?

Гуфт:

– Панç ҳазор динори нақд бидиҳам.

Маллоҳ гуфт: – Ёфтам Фатҳро зинда.

Завраке биёварданд ва Фатҳро бибурданд.

Мутаваккил он чӣ маллоҳро гуфта буд, бифармуд, то дарвакт бидоданд. Вазирро бифармуд ва гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳар чӣ ҳаст, як нима ба дарвешон деҳ.

Он гоҳ гуфт: – Таом оред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст.

Фатҳ гуфт: – Ё амиралмӯъминин, ман серам.

Мутаваккил гуфт: – Магар аз оби Дачла сер шудӣ?

---

[1] **Аз худ менамуд** – мепиндошт, ба худ боварӣ дошт, худнамоӣ мекард.

[2] **Худро ба об гузошт** – худро ба ихтиёри об гузошт.

[3] **Савганд** – қасам.

Фатҳ гуфт:– На, ки ман ин ҳафт руз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бист то нон бар табаке ниҳода бар рӯи об фуруд омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме, то ду-сето аз он нон баргирифтаме ва зиндагонии ман аз он нон будӣ ва бар ҳар нон навишта буд: «Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аскоф».

Мутаваккил фармуд, ки дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла афканд, кист ва бигӯед, то биёяд, ки амиралмӯъминин ба ӯ некӯӣ хоҳад кард, то натарсад.

Чунин мунодӣ карданд, рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт

– Манам он кас.

Мутаваккил гуфт:

– Ба чӣ нишон?

Мард гуфт: – Ба он нишон, ки номи ман бар рӯи ҳар нонк навишта буд, ки Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аскоф.

Мутаваккил гуфт: – Нишон дуруст аст, аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла нон меандозӣ?

Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн гуфт: – Як сол аст.

Мутаваккил гуфт: – Фарози ту аз он чӣ буд?

Мард гуфт: – Шунида будам, ки некӣ куну ба об андоз, ки рӯзе бар диҳад. Ва ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам кардан, ҳамекардам, то худ чӣ бар диҳад.

Мутаваккил гуфт: – Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самара ёфтӣ.

Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод.

Мард бар сари мулк рафт ва мӯҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ дар Бағдод мондаанд…

## Савол ва супориш

**1.Чунин хусусияти худнамоӣ, ки Фатҳ доштааст, оё дар дигар бачаҳо ҳам ҳаст?**
**2.Оё ин рафтори хуб аст? Шумо чӣ баҳо медиҳед?**
**3.Амиралмӯъминин дар аҳду паймон чӣ гуна кас будааст?**
**4.Некӣ кардан чӣ гуна натиҷаҳо дорад?**
**5.Ҳикоятро бодиққат хонед, мазмунашро нақл кунед.**

**6.Бо супориши муаллим қисматҳои алоҳидаи ҳикояро аз бар намоед.**

## ПАНДИ УНСУРУЛМААОЛӢ ДАР БОБИ НЕКӢ КАРДАН

Пас то тавонӣ аз некӣ кардан маёсой ва худро ба некӯиву некӯкорӣ ба мардумон намой ва чун намудӣ, ба хилофи намуда бош. Ва ба зуфон (забон) дигар магӯй ва ба дил дигар мадор, то **гандумнамои ҷавфурӯш** набошӣ.

Ва андар ҳама корҳо дод аз худ бидеҳ, ки ҳар кӣ дод аз хештан бидиҳад, аз довар мустағнӣ (бениёз) бошад. Ва агар ғаму шодият бошад, ғаму шодӣ пеши мардумон пайдо макун ва бар ҳар неку бад зуд шодмону зуд андӯҳгин машав, ки ин феъли кӯдакон бошад.

Ва ҳеҷ гоҳ касро бадӣ маёмӯз, ки бад омӯхтан дуввум бадӣ кардан аст. Агарчи бегуноҳ касе туро биёзорад, ту ҷаҳд кун, ки ӯро наёзорӣ, ки хонаи камозорӣ дар кӯи мардумист. Ва асли мардумӣ, гуфтаанд, ки камозорист.

Пас, агар мардумӣ, камозор бош ва дигар кирдор бо мардумон некӯ дор. Аз он мардум бояд дар оина нигарад, агар дидораш хуб бувад, бояд ки кирдораш чун дидораш бувад, ки аз некӯ зиштӣ назебад.

Нашояд, ки аз гандум ҷав рӯяд ва аз ҷав гандум.

### Савол ва супориш

1. **Чаро нависанда ҳамеша некӣ карданро ҳидоят менамояд?**
2. **Таъбири «гандумнамои ҷавфурӯш» чӣ маъно дорад?**
3. **Ғаму шодиро танҳо ба кӣ метавон гуфт?**
4. **Шиори «Гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек» ба мазмуни ин ҳикоя чӣ нисбате дорад?**

## СУХАН САНҶИДА ГӮЙ

### ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Соҳиб (номи вазири подшоҳ пире буд ба Зангон факеҳу мӯҳташам ва асҳоби шофеъӣ[1] муфтиву музаккир[2] ва музаккии[3] Зангон буд. Ва ҷавоне буд алавӣ[4] писари раиси Зангон. Ҳамчунин факеҳу музаккир буд. Ва пайваста ин ҳар ду бо якдигар дар мукошафат[5] буданд. Бар сари минбар якдигарро таънаҳо заданди.

Ин алавӣ рӯзе бар сари минбар ин пирро кофир хонд. Хабар бад-он шайх бурданд. Вай низ бар сари минбар алавиро ҳаромзода хонд. Хабар ба алавӣ бурданд. Сахт аз ҷой бишуд. Дарҳол бархост ва ба шаҳри Рай рафт ва пеши Соҳиб аз он пир гила кард ва бигиристу гуфт:

– Нашояд, ки ба рӯзгори ту касе фарзанди расулро ҳаромзода хонад.

Соҳиб аз ин пир дар хашм шуд ва косиде фиристод.

Ва ин пирро ба Рай оварданд ва ба мазолим[6] бинишаст бо фуқаҳо ва содот. Ва он пирро бифармуд оварданд ва гуфт:

– Эй шайх, ту марде аз ҷумлаи имомони шофеъӣ бошӣ ва марде олиму пир ва по ба лаби гӯр расида. Шояд, ки фарзанди расулро ҳаромзода хонӣ? Акнун ин, ки гуфтӣ, дуруст кун, ё на, туро укубат кунам ҳар чӣ балеғ бошад, то халқ аз ту ибрат гиранд ва дигар кас ин беадабиву бе ҳурматӣ накунад, чунон ки дар шаръ воҷиб аст.

Пир гуфт: – Бар дурустии сухани ман гувоҳи ман ҳам ин алавист. Дар нафси ӯ беҳ аз ӯ гувоҳ маҳоҳ. Аммо ба қавли ман ӯ ҳалолзодаест пок ва ба қавли худ ҳаромзода.

Соҳиб гуфт: – Ба чӣ маълум кунӣ?

Пир гуфт: – Ҳама Зангон донанд, ки никоҳи падари ӯ бо

---

[1] **Шофеъӣ** – пайрави мазҳаби суннӣ.

[2] **Музаккир** – такроркунандаи дуоҳо, шайх.

[3] **Музаккӣ** – закотдиҳанда.

[4] **Алавӣ** – пайрави мазҳаби шиа.

[5] **Мукошафат** – мубоҳиса дар конуншиносии шариат.

[6] **Мазолим** – додхоҳӣ.

модари ӯ ман бастаам. Ва ӯ бар сари минбар маро кофир гуфтааст. Агар ин сухан аз эътиқод гуфтааст, пас никоҳе, ки кофир бандад, дуруст набошад. Пас ӯ ба қавли худ ҳаромзода аст. Ва агар беэътиқод гуфт, дурӯғгӯй бошад.

Пас пир гуфт: – Ба ҳама ҳол дурӯғгӯй аст ё ҳаромзода. Ва фарзанди расул дурӯғгӯй набошад. Чунон ки хоҳед, шумо ӯро ҳамехонед. Бешак аз ин ду бар як чиз бибояд истодан. Он алавӣ сахт хиҷил гашт ва ҳеҷ ҷавоб надошт.

Ва ин сухан наандешида гуфт, то бар вай вубол гашт.

## Савол ва супориш

**1.Ҳикояро хонед, тафсири калимаҳои номафҳумро аз китоби луғатҳо пайдо кунед.**

**2.Гӯед, ки ду қонундони дини ислом барои чӣ байни ҳамдигар душманӣ доштаанд?**

**3.Ҳақоратдиҳӣ фақеҳи ҷавонро ба чӣ аҳвол расонд?**

**4.Мантиқи ҷавоби фақеҳи пирро муҳокима кунед.**

**5.Бемавқеъ ва нодуруст сухан кардан чӣ зарар доштааст?**

**6.Фақеҳи ҷавон дар натиҷаи рафтори нодурусташ дар чӣ гуна ҳолат афтод?**

## ОДОБИ МУОШИРАТ ВА СУХАН КАРДАН

Эй писар, бояд ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯй, рост гӯй.

Аммо, бидон, ки сухан аз чаҳор навъ аст: яке надонистаниву нагуфтанӣ ва яке ҳам донистаниву ҳам гуфтанӣ. Ва яке гуфтанисту надонистанӣ ва яке донистаниву ногуфтанӣ...

...Ва он ки ҳам донистаниву ҳам гуфтанист, сухане бувад, ки салоҳи диниву дунёии ӯ ҳам бад-он баста аст ва ба ҳар ду ҷаҳон ба кор ояд, аз гуфтану шунидани он гӯянда ва

шунавандаро нафъ бувад. Ва он ки донистаниву ногуфтанӣ, чунон бувад, ки айби мӯҳташаме ё айби дӯсте туро маълум шавад, то аз тарики акл ё аз кори ҷаҳон туро тахайюле бандад, ки он на шаръ бувад. Чун бигӯӣ, ё хашми он мӯҳташам туро ҳосил ояд, ё озори он дӯст, ё біми шӯридани ғавғову омма бувад бар ту, пас он сухан донистанӣ бувад у ногуфтанӣ.

Аммо аз ин чаҳор навъ, ки гуфтам, беҳтарин он аст, ки ҳам донистаниву ҳам гуфтанӣ. Аммо ин чаҳор навъ сухан ҳар якеро ду рӯй аст: яке некӯ ва яке зишт.

Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накӯтарин намой, то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш. Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он рӯҳ тоза шавад ва ҳамон сухан, ба ибораті дигар битавон гуфт, ки рӯҳ тира гардад.

Аммо суханро бузург дон, ки аз осмон сухан омад. Ва ҳар суханро, ки бидонӣ аз ҷойгоҳ, он суханро дареғ мадор ва ба ноҷойгоҳ (бемавқеъ) зоеъ макун, то бар дониш ситам накарда бошӣ.

Ҳар сухан, ки бигӯянд, бишунав, лекин ба кор бастан машитоб. Ва ҳар чӣ гӯӣ, ба андеша гӯй ва андешаро муқаддами гуфтори хеш дор, то аз гуфта пушаймон нагардӣ, ки пешандешӣ дуввуми кифоят (кордонӣ) аст.

Ва аз шунидани хеҷ сухан малул мабош, агарат ба кор ояд ё на, бишунав, то дари сухан ба ту баста нашавад ва фоидаи сухан ғоиб нагардад.

Ва сардсухан мабош, ки сухани сард чун тухмест, ки аз вай душманӣ рӯяд. Ва агарчи доно бошӣ, худро нодон шумор, то дари омӯхтан бар ту кушода гардад.

Ва агарчи сухандон бошӣ, камтар аз он намой, ки донӣ, то ба вақти гуфтор пиёда намонӣ. Ва бисёрдону камгӯй бош, на камдону бисёргӯй, ки гуфтаанд, ки хомӯшӣ дуввуми саломатист ва бисёр гуфтан дуввуми бехирадӣ.

# ҲИКОЯТҲО ДАР БОБИ ПИРИВУ ҶАВОНӢ

## ДАРЗӢ ДАР КӮЗА

Дар шаҳре марде дарзӣ буд. Бари дарвозаи шаҳр дӯкон доштӣ бар гузари гӯристон. Ва кӯзае дар мехе овехта буд ва ҳавасаш он будӣ, ки ҳар ҷанозае, ки аз дари шаҳр берун бурдандӣ, вай санге дар он кӯза афкандӣ ва ҳар моҳе ҳисоби он сангҳоро кардӣ, ки чанд кас берун бурданд ва он кӯзаро тиҳӣ кардӣ ва боз санг ҳаме дарафкандӣ. То рӯзгоре баромад, дарзӣ низ бимурд. Марде ба талаби дарзӣ омад ва хабари марги ӯ надошт. Дари дӯконаш баста дид. Ҳамсояи ӯро пурсид, ки ин дарзӣ куҷост, ки ҳозир нест. Ҳамсоя гуфт, ки дарзӣ низ дар кӯза афтод!

### Савол ва супориш

**1.Дарзӣ бо кадом мақсад ба кӯза санг меандохтааст?**

**2.«Дарзӣ низ дар кӯза афтод» гуфтани ҳамсоя чӣ маъно дошт?**

**3.Барои ҳама гузарон будани дунёро нависанда чӣ тавр баён кардааст?**

**4.Мундариҷаи ин ҳикояро бо чунин рубоии Умари Хайём муқоиса кунед:**

Дар коргаҳи кӯзагаре будам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?»

**5.Ҳикоятро аз бар кунед ва ба таври бадеӣ қироат намоед.**

## ПУРСИШИ НОҶОЯ

Шунидам, ки пире буд садсола, пуштқӯзу дуто[1] гашта ва бар асо такя карда меомад.

[1] **Пуштқӯзу дуто** – хамидақомат.

Ҷавоне ба тамохара[1] вайро гуфт:

– Эй шайх, ин камонак[2] ба чанд хариди? То ман низ яке бихарам.

Пир гуфт:

– Агар умр ёбиву сабр кунӣ, худ ройгон[3] ба ту бахшанд.

**Савол ва супориш**

**1.Чунин савол кардани ҷавон оё хуб буд?**

**2.Ҷавоби пирамард ба шумо маъқул аст?**

**3.Хулосаи худро дар ин бора бо чунин байти Низомии Ганҷавӣ ҷамъбаст кунед:**

Аммо чӣ кунам, ҳаво ду ранг аст,
Андеша фароху сина танг аст.

**4.Ҳикоятро аз ёд кунед.**

## АНДЕШАИ ХОҶИБИ ПИР

Чунон ки аз ҷумлаи ҳоҷибони падарам хоҷибе[4] буд, ӯро ҳоҷиби комил гуфтандӣ. Пир буд ва аз ҳаштод баргузашта буд. Хост, ки аспе бихарад. Ройизе[5] ӯро аспе овард фарбеҳу некӯранг ва дуруст қавоим.

Ҳоҷиб аспро бидиду писандид ва баҳо фурӯ ниҳод. Чун дандонаш бидид, аспи пир буд, нахарид. Марде дигар бихарид.Ман ӯро гуфтам:

Ё ҳоҷиб, ин асп, ки фалон бихарид, чаро ту нахаридӣ?

Гуфт: – Ӯ марде ҷавон аст ва аз ранҷи пирӣ хабар надорад. Ва он асп бузургманзар аст. Агар ӯ бад-он ғарра шавад, маъзур аст. Аммо ман аз ранҷу офати пирӣ бохабарам ва аз заъфу офати ӯ хабар дорам. Ва чун аспи пир харам, маъзур набошам.[6]

[1] **Тамохара** – тамасхур, масхараомез.

[2] **Камонак** – киноя аз қомати хамгаштаи пир.

[3] **Ройгон** – бепул.

[4] **Ҳоҷиб** – дарбон.

[5] **Ройиз** – аспбон.

[6] **Маъзур набошам** – яъне барои ман бахшанда набошад.

## Савол ва супориш

1.Ҳоҷиби пир чаро аспи харидаашро ба соҳибаш гашта дод?
2.Он аспро чаро каси дигар харид?
3.Ба саволи нависанда хоҷиб чӣ ҷавоб дод?
4.Ҳикоятро аз ёд кунед.

### ДАР БОРАИ ПИРИВУ ҶАВОНӢ

Эй писар, ҳарчанд ҷавонӣ, пиракл бош. Нагӯям, ки ҷавонӣ макун. Валекин ҷавони хештандор бош ва аз ҷавонони пажмурда мабош, ки ҷавони шотир (чолок) некӯ бувад. Ва низ аз ҷавонони ҷоҳил мабош, ки аз шотирӣ бало нахезаду аз ҷоҳилӣ бало хезад.

Эй писар, ҳушёр бош ва ба ҷавонӣ ғарра машав.

Ва нишастухез ҳама бо ҷавонон макун. Бо пирон низ муҷолисат кун ва рафиқону надимони пиру ҷавон омехта дор, ки агар ҷавоне дар мастии ҷавонӣ муҳол кунад ва гӯяд, пир монеи он муҳол бошад. Аз он ки пирон чизҳо донанд, ки ҷавонон надонанд.

Агарчи одати ҷавонон чунон бувад, ки бар пирон тамохара кунанд, аз он ки пиронро мӯҳтоҷи ҷавонӣ донанд ва бад-ин сабаб ҷавононро нарасад, ки бар пирон бешӣ ҷӯянд ва беҳурматӣ кунанд. Зеро ки агар пирон дар орзуи ҷавонӣ бошанд, ҷавонон низ бешак дар орзуи пирӣ бошанд.

Ва пир ин орзу ёфтааст ва самараи он бардошта. Ҷавонро батар, ки ин орзу бошад, ки биёбад ва бошад, ки наёбад.

Чун нек бингарӣ, ҳар ду пиру ҷавон ҳасуди якдигар бошанд, агарчӣ ҷавон хештанро донистатарини ҳама кас донад. Ту аз ҷамъи инчунин ҷавонон мабош ва пиронро ҳурмат дор ва сухан бо пирон ба газоф магӯй, ки ҷавоби пирон мускит (хомӯшкунанда, омирона) бошад.

Ва пири раъно мабош, ки гуфтаанд, ки пири раъно батар бувад ва бипарҳез аз пирони нопок...

Аммо, эй писар, ҷаҳд кун, то ба пирӣ ба як ҷо маком кунӣ,

ки ба пирӣ сафар кардан аз хирад нест.

## ЁДОВАРИИ ПАНДҲОИ АНӮШЕРВОНИ ОДИЛ

– То рӯзу шаб оянда асту раванда, аз гардиши ҳолҳо шигифт мадор.

– Мардумон чаро аз коре пушаймонӣ хӯранд, ки аз он кор дигарон пушаймонӣ хӯрда бошанд?

– Чаро эмин хуспад касе, ки ошнои подшоҳ бошад?

– Чаро зинда шумурад касе худро, ки зиндагонии ӯ на бар муроди ӯ бувад?

– Ҳар кӣ туро зишт гӯяд, маъзуртар аз он ки он зишт ба ту расонад...

– Ҳар бандае, ки ӯро бихаранду бифурӯшанд, озодтар аз он кас дон, ки ӯ бандаи гулӯ бувад.

– Ҳар кӣ рӯзгор ӯро доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеҷ касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ бошад...

– Агар хоҳӣ, ки мардумон туро накӯгӯй бошанд, накӯгӯи мардумон бош...

– Агар хоҳӣ, ки камдӯст набошӣ, кина мадор.

– Агар хоҳӣ, ки беандоза андӯҳгин набошӣ, ҳасуд мабош.

– Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ ба осонӣ гузорӣ, равиши худро ба рӯи кор дор.

– Агар хоҳӣ, ки фирефта набошӣ, кори накардаро карда мапиндор.

– Агар хоҳӣ, ки пардаи ту дарида нашавад, пардаи кас мадар.

– Агар хоҳӣ, ки бар қафои ту нахананд, зердастонро пок дор.

– Агар хоҳӣ, ки аз пушаймонии дароз эмин гардӣ, ба ҳавои дил кор макун.

– Агар хоҳӣ, ки бебим бошӣ, беозор бош.

– Агар хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумон бишинос.

– Чаро дӯст хонӣ касеро, ки душмани дӯстони ту бувад.

– Бо мардуми беҳунар дӯстӣ макун, ки мардуми беҳунар

на дӯстиро шояд ва на душманиро.

– Бипархез аз нодоне, ки худро доно шуморад.

– Агарчи ҳақ талх бошад, бибояд шунид.

– Агар хоҳӣ, ки рози ту душман надонад, бо дӯст магӯй.

– Агар хоҳӣ, ки бе ганҷ тавонгар бошӣ, писандкор бош.

– Агар хоҳӣ, ки дар дилҳо маҳбуб бошӣ ва мардумон аз ту нуфур набошанд, сухан бар муроди мардумон гӯй.

– Агар хоҳӣ, ки бар дилат ҷароҳат нарасад, ки ҳеҷ марҳам напазирад, бо ҳеҷ нодон мунозира макун.

– Агар хоҳӣ, ки беҳтарини халқ бошӣ, аз халқ чизе дареғ мадор.

– Агар хоҳӣ, ки забонат дароз бошад, кӯтоҳдаст бош.

– Агар хоҳӣ, ки ҷавонмардтарини мардумон бошӣ, вафодор бош.

Дар охир Унсурулмаолӣ мегӯяд: «Ин аст суханҳо ва пандҳои Нӯшервони Одил. Чун бихонӣ, эй писар, ин лафзҳоро хор мадор, ки аз ин суханҳо ҳам бӯи ҳикмат ояд ва ҳам бӯи маликӣ.

Ҷумла ҳама маълуми хеш гардон ва акнун омӯз, ки ҷавон ҳастӣ, чун пир гаштӣ, худ ба шунидан напардозӣ, ки пирон чизҳо донанд, ки ҷавонон надонанд ».

### Супориш

**Пандҳои Нӯшервони Одилро бомулоҳиза хонед ва қисман онҳоро аз бар кунед.**

## МОҲИР БУДАН ДАР КАСБ
## ҚОЗИИ ЗАКӢ

Чунон ки ба Табаристон қозиюлқуззот[1] Абулаббоси Рӯёнӣ буд. Марде буд машҳур ва боилму вараъ[2] ва пешбину ботадбир. Вақте марде ба маҷлиси ӯ омад ва бар шахсе сад

[1] **Қозиюлқуззот** – қозикалон.

[2] **Вараъ** – тақводор, порсо, ҳалолкор.

динор даъво кард. Қозӣ аз он хасм[1] пурсид. Он мард инкор кард. Қозӣ ин муддаиро[2] гуфт:

– Гувох, дорӣ?

Гуфт:

– Надорам.

Қозӣ гуфт:

– Пас вайро савганд[3] диҳам.

Муддаӣ бигрист зор-зору гуфт:

– Эй қозӣ, зинҳор, вайро савганд мадеҳ, ки вай бар савганди дурӯғ хӯрдан далер шудааст ва бок надорад.

Қозӣ гуфт:

– Ман аз шариат берун натавонам шуд. Ё туро гувоҳ бояд ё вайро савганд расад.

Мард дар пеши қозӣ дар хок ҳамеғалтиду ҳамегуфт:

– Зинҳор, эй қозӣ, маро гувоҳ нест ва вай савганд ба дурӯғ бихӯрад ва ман мазлум бимонам. Зинҳор ба гардани ту, тадбир бикун.

Қозӣ чун зории мард бидид, бидонист, ки рост ҳамегӯяд. Гуфт:

– Эй хоча, вом додани ту ӯро чӣ гуна будааст? Аз асли кор маро бозгӯй, то бидонам, ки ин кор чун рафтааст.

Ин мазлум[4] гуфт:

– Зиндагонии қозӣ дароз бод. Ин марде буд чандсола дӯсти ман. Иттифоқ афтод, ки бар парасторе[5] ошиқ шуд.

Қимати вай саду панчоҳ динор ва мояи ин мард кам аз саду панчоҳ динор буд ва ҳеч вачҳе намедонист. Шабу рӯз чун шефтагон ҳамегаштӣ ва ҳамегиристиву зорӣ ҳамекардӣ. Рӯзе ба тамошо рафта будем. Ману вай дар дашт танҳо ҳамегардидем. Замоне чое бинишастем. Ин мард бо ман сухани ин канизак ҳамегуфт ва зор ҳамегирист. Ва дили ман бар вай бисӯхт, ки бистсола дӯсти ман буд. Вайро гуфтам:

---

[1] **Хасм** – ҳариф, душман.

[2] **Муддаӣ** – даъвогар.

[3] **Савганд** – қасам.

[4] **Мазлум** – зулмдида.

[5] **Парастор** – хизматтор.

– Эй фалон, туро зар нест ба тамомӣ ва маро низ нест ва ҳеч кас донӣ, ки дар ин маънӣ ба фарёди ту нахоҳад расид. Аммо маро дар ҳама ҷаҳон сад динор аст, ба солҳои дароз ҷамъ кардаам. Ин сад динор туро диҳам ва ту боқӣ бар сар ниҳӣ ва ин канизакро бихарӣ ва як моҳ муроди хеш аз вай бигирӣ ва пас аз моҳе бифурӯшӣ ва зари ман боздиҳӣ.

Ин мард пеши ман ба хок бигалтид ва савганд хӯрд, ки як моҳ бидорам ва пас аз он агар ба зиён харанд, бифурӯшам ва зари ту боз диҳам.

Ман он зар аз миён бикушодам ва бад-ӯ додам.

Ман будаму ӯ ва Худои азза ва ҷалла. Акнун чаҳор моҳ баромад, на зари ман боз ҳамедиҳад ва на канизак ҳамефурӯшад.

Қозӣ гуфт:

– Куҷо нишаста будӣ бад-ин вақт, ки зар бад-ӯ додӣ?

Гуфт: – Ба зери дарахте.

Қозӣ гуфт: – Чун ба зери дарахте будӣ, чаро мегӯӣ, ки гувоҳ надорам.

Ин хасмро гуфт:

– Ҳамин ҷо бинишин пеши ман.

Ва муддаиро гуфт: Дил машғул[1] мадор. Бираву зери он дарахт ду ракъат намоз кун ва сад бор бар пайғамбар салавот фирист. Пас он дарахтро бигӯй, ки қозӣ туро ҳамехонад. Биёву гувоҳии ман деҳ. Хасм табассум кард. Қозӣ бидиду бар хештан пӯшида кард. Муддаӣ гуфт:

– Эй қозӣ, тарсам, ки он дарахт ба фармони ман наёяд.

Қозӣ гуфт:

– Ин мӯҳри ман бибару дарахтро гӯй, ки ин мӯҳри қозист.

Ҳамегӯяд, ки биёву гувоҳӣ деҳ, чунон ки бар туст пеши ман.

Мард мӯҳр биситуду бирафт ва марди дигар пеши қозӣ бинишаст. Ва қозӣ ба ҳукмҳои дигар машғул шуд, ҳуд бад-ин мард нигоҳ накард, то як бор дар миёнаи ҳукме, ки ҳамекард,

[1] Машғул – танг, маҳдуд.

рӯ сӯи ин мард карду гуфт:

– Фалон он ҷо расида бошад ё на?

Ин мард гуфт:

– На ҳанӯз.

Он мард мӯҳр ба дарахт намуду гуфт:

– Қозӣ туро ҳамехонад.

Чун замоне бинишаст, аз дарахт ҷавоб наёмад. Ғамнок шуду бозгашт ва пеши қозӣ омаду гуфт:

– Эй қозӣ, рафтаму мӯҳр намудам, наёмад.

Қозӣ гуфт:

– Ғалатӣ, ки дарахт омаду гувоҳӣ дод. Ва ҳамзамон рӯй ба хасм карду гуфт:

– Ҳаққи ин мард бидеҳ ё канизакро бифурӯшам ва зар ба вай диҳам.

Мард гуфт: – Эй қозӣ, то ман ин ҷо нишастаам ҳеҷ дарахт наёмад.

Қозӣ гуфт:

– Рост гӯӣ дарахт наёмад. Аммо агар ту ин зарро аз вай нагирифтаӣ, зери он дарахт, ки ман аз ту пурсидам, ки мард расида бошад бад-он дарахт ё на, чаро нагуфтӣ, ки кадом дарахт? Ман надонам, ки вай куҷо рафтааст?

Ва мардро илзом кард ва зар биситуду ба худованди ҳақ дод

## Савол ва супориш

**1.Ба аҳд вафо накардани дӯсти қадимро чӣ баҳо медиҳед?**
**2.Қозӣ бо кадом роҳ сирри он хасмро ошкор намуд?**
**3.Ҳикоятро бори дигар бодиққат хонед ва дар ҳалли масъала андеша ронед.**
**4.Муносибати ин ду мардро тавсиф карда бо ин ду байти шоир Ҳилолӣ хулоса намоед:**

Аё ҷоно, вафодорӣ биёмӯз,
Зи ёрон шеваи ёрӣ биёмӯз.
Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.

Ғараз аз пеша на дӯкондорист, балки ҳар коре, ки мардум бар даст гиранд, он чун пеша бошад. Аммо бояд, ки он корро нек бидонад, то аз он бар тавонад хӯрдан.

Ва агар олиме муфтӣ (фатводиҳанда) бошӣ, дурӯя мабош ва поктану покҷома бош ва ҳозирҷавоб ва ҳеҷ масъаларо то наяндешӣ, ба зудӣ ҷавоб мадеҳ. Ва бе ҳуҷҷате ба тақлиди хеш қонеъ мабош ва ба тақлиди кас кор макун ва рои худро олӣ дон...

Ва сухане, ки дар маҷлис гуфтӣ, ҳифз дор, ки чӣ гуфтӣ, ки то бад-он авқот дигарбора онро такрор накунӣ. Ҳар вақт тозарӯй бош. Ва аз қарини[1] бад парҳез кун ва адаби курсӣ нигоҳ дор.

Ва аз такаббуру[2] дурӯғ ва ришват[3] дур бош.

Ва илмро накӯ бидон ва он чӣ бидонистӣ ба накӯтарин иборате ба кор дор, то хиҷил[4] набошӣ ба даъвӣ кардани бемаънӣ.

Ва қозӣ[5] шавӣ, чун қозиён ҳамулу[6] оҳиста бош ва зираку тезфаҳм, соҳибтадбиру пешбин ва мардумшиносу соҳибсиёсат...

Пас ҳама ҳукмҳо аз китоб накунанд, аз хештан низ бояд, ки чунин истихроҷҳо кунанд ва тадбирҳо созанд.

Ва масъалае, ки бияфтад, ҳама эътимод бар рои хеш макун ва аз муфтиён низ машварат хоҳ ва рои хеш мудом равшан дор ва пайваста холӣ мабош аз дарси мазҳабу масоили мазҳаб. Ва чунон ки гуфтам, таҷрибаҳо низ ба кор дор, ки дар шариат рои қозӣ баробари рои шариат аст.

---

[1] **Қарин** – ҳамнишин.
[2] **Такаббур** – ғурур.
[3] **Ришват** – порадиҳӣ ё пораситонӣ.
[4] **Хиҷил** – хиҷолатманд, пушаймоншуда.
[5] **Қозӣ** – раиси суд.
[6] **Ҳамул** – ботаҳаммул, босабр.

## ҲАЛОЛКОР ВА ПОКИЗА БОШ

### ОБИ ШИР БУРД ТАМОМИ РАМАРО

Шунидам, ки марде буд гӯсфанддор ва рамаҳои бисёр дошт. Вайро шубоне[1] буд бағоят порсо[2] ва муслеҳ[3]. Ҳар рӯз шири гӯсфандон чандон, ки будӣ, ҳосил кардӣ ва ба наздики худованди гӯсфандон бурдӣ. Он мард ҳам чандон об бар шир кардӣ ва ба шубон додиву гуфтӣ:

– Рав, бифурӯш.

Ва шубон он мардро насиҳат ҳамекард ва пандҳо ҳамедод, ки чунин макун ва ба мусулмонон хиёнат макун ва раво мадор, ки оқибати мардуми хоин номаҳмуд[4] бувад.

Он мард сухани шубон нашунид ва ҳамчунон ҳамекард, то ба иттифоқ шабе ин шубон гӯсфандонро дар рӯдхона бихобонид ва худ дар болои баландӣ рафту бихуфт.

Фасли баҳор буд. Магар бар кӯҳ бороне омад азим ва селе сахт азим биёмад ва андар ин рӯдкада[5] афтод ва ин гӯсфандонро ҷумла бибурд ва ҳалок кард.

Гуфтӣ он об қатра-қатра ҳама,
Ҷамъ шуд ногаҳу бибурд рама.

Рӯзи дигар шубон ба шаҳр омад ва ба хонаи соҳиби гӯсфандон рафт бе шир. Мард пурсид, ки чаро шир наёвардӣ?

Шубон гуфт:

– Эй хоҷа, ман туро гуфтам, ки об бар шир мазан ва хиёнат макун. Фармони ман набурдӣ. Акнун он обҳо, ки ба мардумон ба нархи шир дода будӣ, ҷамъ шуданд ва дӯш ҳамла оварданду гӯсфандони туро бибурданд. Он мард пушаймон шуд ва пушаймонӣ суд[6] надошт.

---

[1] **Шубон** – чӯпон.
[2] **Порсо** – ҳалолкор, боинсоф.
[3] **Муслеҳ** – хайрхоҳ, некӯкор.
[4] **Номаҳмуд** – дур аз хайр, нохуб.
[5] **Рӯдкада** – пастхамӣ, селроҳа.
[6] **Суд** – фоида.

**1.Чӯпон чӣ гуна кас буд?**
**2.Соҳиби гӯсфандонро чӣ гуна кас тасаввур мекунед?**
**3.Аз мазмуни ҳикоя чӣ хулоса мебароред?**
**4.Хулосаи худро бо байти зерин тақвият диҳед:**

Аз мукофоти амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Чунин гуфтаҳои Унсурулмаолиро аз ёд кунед:

«Пас то битавонӣ аз хиёнат парҳез кун, ки ҳар кӣ як бор хоин гашт, ҳаргиз бар ӯ эътимод накунанд. Ва ростӣ пеша кун, ки бузургтарин тироз ростист. Ва некмуомила ва хушситаду дод бош. Ва касро ваъда макун ва чун кардӣ, хилоф макун.

Аммо ҳар киро озмоӣ, ба кирдор озмой, на ба гуфтор. Ва гунҷишке нақд беҳ дон, ки товусе ба насия. Набояд, ки бо тамаи андак мояи суди сармояи бузургтарин барбод диҳӣ».

## АНДАР АМОНАТ НИГОҲ ДОШТАН

### ДУЗД ВА ПУЛИ АМОНАТӢ

Чунон шунидам, ки марде ба саҳаргоҳ ба торикӣ аз хона берун омад то ба гармоба равад. Дар роҳ дӯстеро аз они хеш бидид.

Гуфт: - Мувофиқат кунӣ бо ман, то гармоба равем?

Дӯст гуфт: – То ба дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам. Лекин дар гармоба натавонам омад, ки шуғле[1] дорам.

То ба наздикии гармоба бо вай бирафт. Ба сари дуроҳе расиданд. Ва ин дӯст пеш аз он ки дӯстро хабар диҳад, бозгашт ва ба роҳе дигар бирафт. Иттифоқо[2] тарроре[3]

[1] **Шуғл** – машғулият, кор.
[2] **Иттифоқо** – ногоҳ.
[3] **Таррор** – дузд, шабрав.

аз паси ин мард ҳамеомад, то ба гармоба[1] равад ба таррории хеш. Аз қазо[2] ин мард бознигарист, тарророро дид ва ҳанӯз торик буд, пиндошт[3], ки он дӯсти ӯст. Сад динор дар остин дошт ба дасторча баста. Аз остин берун кард ва бад-он доду гуфт:

– Эй бародар, ин амонат аст, бигир, то ман аз гармоба бароям, ба ман боздиҳӣ.

Таррор аз вай биситонд[4] ва ҳам он ҷо мақом кард, то вай аз гармоба баромад, равшан шуда буд. Ҷома пӯшиду рост бирафт.

Таррор ӯро бозхонду гуфт:

– Эй ҷавонмард, зари хеш бозситону пас бирав, ки имрӯз ман аз шуғли хеш бозмондам аз ҷиҳати амонати ту.

Мард гуфт:

– Ин амонат чист ва ту чӣ мардӣ?

Таррор гуфт:

– Ман марде таррорам ва ту ин зар ба ман додӣ, то аз гармоба бароӣ.

Мард гуфт:

– Агар таррорӣ, чаро зари ман набурдӣ?

Таррор гуфт:

– Агар ба саноати[5] хеш бурдаме, агар ин ҳазор динор будӣ, наандешидам аз ту ва як ҷав боз надодаме. Валекин ту ба зинҳор[6] ба ман супурдӣ ва дар ҷавонмардӣ набошад, ки ба зинҳор ба ман омадӣ, ман бар ту ноҷавонмардӣ кардаме, шарти мурувват набудӣ.

## Савол ва супориш

**1.Ҳаммомрав пулашро ба кӣ дод?**
**2.Дузд чаро онро гирифта нарафт?**
**3.Оё дузди боинсоф ҳам ҳаст?**

[1] **Гармоба** – ҳаммом.
[2] **Аз қазо** – ногоҳ.
[3] **Пиндоштан** – гумон кардан.
[4] **Биситонд** – гирифт.
[5] **Саноат** – санъат, ҳунар; яъне агар ба дуздӣ мебурдам.
[6] **Зинҳор** – аҳд, паймон.

**4.Ҳикояро аз бар кунед ва хулосаи худро бо байти зерин тақвият диҳед:**

Амонатро макун асло хиёнат,
Амонатро амонат дон, амонат.

**5.Сухани дуздро бо чунин гуфтаи Унсурулмаолӣ хулоса кунед:**

«– Эй писар, агар ба ту касе амонате бидиҳад, ба ҳеҷ ҳол мапазир ва чун пазируфтӣ, нигоҳ дор. Аз он чи амонат пазируфтан бало бувад...

Тариқи ҷавонмардиву мардӣ он аст, ки амонат напазирӣ ва чун пазируфтӣ, нигоҳ дорӣ, то ба саломат ба худованд (соҳиб) бозрасонӣ».



**Ҷаҳон аз пайи шодиву дилхушист,**
**На аз баҳри бедоду миннаткашист.**
**Бад-он-ч одамиро бувад дастрас,**
**Бикӯшем, то хуш бароёд нафас.**
**Дилеро, ки сармояи зиндагист,**
**Ба талхӣ супурдан на фархундагист...**
**Аз «Шарафнома»**

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Низомии Ганҷавӣ яке аз шоирони бузургтарини дунёст. Номи шоир Илёс буда, Низомӣ тахаллуси шоирии ӯ мебошад. Барои он ӯро Ганҷавӣ меноманд, ки вай соли 1141 дар Ганҷа ном шаҳри Озарбойҷон таваллуд ёфтааст.

Низомӣ дар хурдӣ аз падару модар ятим монда, дар тарбияи тағояш ба камол мерасад. Ӯ забони арабӣ, илмҳои адабиёт, мусиқӣ, таърих, ҷуғрофия, фалсафа, мантиқ, тиб, ситорашиносӣ ва ғайраҳоро хуб аз худ карда будааст. Ҳанӯз аз давраҳои ҷавонӣ Низомӣ ба эҷоди шеър оғоз намуда, тадриҷан дар достонсарой шӯҳраи ҷаҳон мегардад.

## ДОСТОНИ «КӮДАКИ МАҶРӮҲ» АЗ «МАХЗАНУЛАСРОР»

Кӯдаке аз ҷумлаи озодагон,
Рафт бурун бо ду-се ҳамзодагон[1].
Пояш аз он пӯя[2] даромад зи даст,
Меҳри дилу мӯҳраи пушташ шикаст.
Шуд нафаси он ду-се ҳамсоли ӯ,
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.

[1] **Ҳамзодагон** – ҳамсолон.

[2] **Пӯя** – зуд роҳ паймудан, давидан.

Он ки варо дӯсттарин буд, гуфт:
-Дар буни[1] чоҳеш бибояд нуҳуфт[2].
То нашавад роз[3] чу рӯз ошкор,
То нашавем аз падараш шармсор.
Оқибатандешатарин кӯдаке,
Душмани ӯ буд дар эшон яке.
Гуфт: Ҳамоно, ки дар ин ҳамраҳон,
Сурати ин ҳол намонад ниҳон[4].
Чунки маро з-ин ҳама душман ниҳанд,
Тӯҳмати ин воқеа бар ман ниҳанд.
Зӣ падараш рафту хабардор кард,
То падараш чораи ин кор кард.
Ҳар кӣ дар ӯ ҷавҳари доноӣ аст,
Бар ҳама чизеш тавоноӣ аст.

## Савол ва супориш

**1.Шеърро ифоданок хонед. Ба бачагон чӣ ҳодиса рӯй дод?**

**2.Ба гуфтаҳои ду бача мутаваҷҷеҳ шуда бигӯед, ки ҳарфи кадоме писандидатар аст? Мақоли «Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар» ба мазмуни ҳикоя чӣ нисбате дорад?**

**3.Хулосаатонро нисбат ба байти охирин баён намоед.**

**4.Шеърро аз ёд кунед.**

**5.Дар хона мувофиқи мазмуни шеър нақли муфассале нависед.**

## ПОДШОҲИ ЗОЛИМ ВА ҶАВОНИ САХОВАТПЕША

### АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Дар қисса шунидаам, ки боре,
Будаст ба Марв тоҷдоре.
Дар силсила доштӣ саге чанд,
Девонавашу чу дев дар банд.

[1] **Буни** – таг, зер.
[2] **Нуҳуфт** – пинҳон кардан.
[3] **Роз** – сирру асрор.
[4] **Ниҳон** – пӯшида.

Ҳар як ба салобати[1] гурозе[2],
Бурда сари уштуре ба гозе,
Шаҳ чун шудӣ аз касе бар озор,
Додеш бад-он сагони хунхор.
Ҳар кас, ки зи шоҳ беамон буд,
Овардану хӯрданаш ҳамон буд.
Буд аз нудамои[3] шаҳ ҷавоне,
Дар ҳар ҳунаре тамомдоне.
Тарсид, ки шоҳи ошносӯз,
Бегона шавад бад-ӯ яке рӯз.
Оҳуи варо ба саг намояд,
Дар неши сагонаш озмояд.
Аз бими сагон бирафт пешӣ,
Бо сагбонон бикард хешӣ.
Ҳар рӯз шудию гӯсфанде,
Дар матраҳи[4] он сагон фикандӣ.
Чандон бинвохташон бад-он сон,
К-он душворӣ бад-ӯ шуд осон.
Аз минати даст зери пояш,
Гаштанд сагон мутеи рояш.
Рӯзе ба тариқи хашмнокӣ,
Шаҳ дид дар он ҷавони хокӣ.
Фармуд ба сагдилони даргоҳ,
То пеши сагон баранддаш аз роҳ.
В-он сагманишон сагӣ намуданд,
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.
Бастанду бад-он сагон-ш доданд,
Худ дур шуданду истоданд.
В-он шерсагони оҳанинчанг,
Карданд нахуст бар вай оҳанг.
Чун мунъими[5] худ шинохтандаш,

[1] **Салобат** – андом.
[2] **Гуроз** – хуки ваҳшӣ.
[3] **Нудамо** – надимон.
[4] **Матраҳ** – ҷои хӯрокдиҳӣ.
[5] **Мунъим** – дӯст.

Думлобакунон навохтандаш.
Гирдаш ҳама дастабанд бастанд,
Сар ба сари дастаҳо нишастанд.
Буданд бар ӯ чу доя дилсӯз,
То рафт бар ин яке шабонрӯз.
Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд,
Сайфури сиёҳ шуд зарандуд.
Шуд шоҳ зи кори худ пушаймон,
Ғамгин шуду гуфт бо надимон[1].
К-он оҳуи бегуноҳро дӯш,
Додам ба саг, ин-т хоби харгӯш.
Бинед, ки он сагон чӣ карданд?
Андоми варо чӣ гуна х/в/арданд?
Сагбон чу аз ин сухан шуд огоҳ,
Омад бари шоҳ гуфт, к-эй шоҳ...
Ӯ дар даҳани сагон нишаста,
Дандони сагон ба мӯҳр баста.
З-он гургсагони аждаҳорӯй,
Н-озурда бар ӯ яке сари мӯй.
Шаҳ кард шитоб, то шитобанд,
Он гумшударо магар биёбанд.
Бурданд муаккилони[2] роҳаш
Аз силки сагон ба садри шоҳаш.
Шаҳ монд шигифт[3], ки он ҷавонмард,
Чун буд, к-аз он сагон наёзард?

## Савол ва супориш

**1.Чаро шоҳ аз кардааш пушаймон шуд?**
**2.Сагбон ба шоҳ дар бораи чӣ хабар дод?**
**3.Шоҳ аз чӣ дар хайрат буд?**

[1] **Надимон** – хизматгорон.
[2] **Муаккилон** – навкарон.
[3] **Шигифт** – аҷиб, ҳайрат.

Гирён-гирён ба пой бархост,
Сад узр ба оби чашм аз ӯ хост.
Гуфто, ки сабаб чӣ буд, бинмой,
К-ин як нафаси ту монд бар ҷой?
Гуфто: Сабаб он ки пеш аз ин банд,
Додам ба сагон наволае[1] чанд.
Эшон ба наволае, ки х/в/арданд,
Бо ман лаби худ ба мӯҳр карданд.
Даҳ сол ғуломии ту кардам,
Ин буд баре[2], ки аз ту х/в/ардам.
Додӣ ба сагонам аз як озор,
В-ин буд, ки набуд саг ошнохор.
Саг дӯст шуду ту ошно на,
Сагро ҳақи ҳурмату туро на.
Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо ба ҷоне!
Чун дид шаҳ он шигифткорӣ,
К-аз мардумияст ростгорӣ.
Ҳушёр шуд аз хумори мастӣ,
Бигзошт сагию сагпарастӣ.
Мақсудам аз ин ҳикоят он аст,
К-эҳсону[3] деҳиш ҳисори ҷон аст.

## Савол ва супориш

**1.Фикр кунед, ки чаро шоҳ гирён шуд?**
**2.Сабаби нобуд нашудани ҷавонро гӯед.**
**3.Муқоисаи рафтори инсон ва ҳайвонро дар симои шоҳ ва саг шарҳ диҳед.**
**4.Дар бораи ин асар нақле нависед.**
**5.Дар бораи сагон ва меҳри онҳо чиҳо медонед?**

---

[1] **Наволае** – луқма.
[2] **Бар** – ҳосил. Маънои ин мисраъ чунин аст:
Некие, ки аз ту дидам, ҳамин буд.
[3] **Эҳсон** – некӣ, бахшиш.

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
Акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз!
В-ин шуғл талаб зи рӯи ҳолат,
К-аз карда набошадат хиҷолат.
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ.
Гуфтан зи ман, аз ту кор бастан,
Бекор наметавон нишастан.

### Савол ва супориш

**1.Шоир ба фарзанд чӣ насиҳат мекунад? Ӯро ба чӣ ҳидоят мекунад?**

**2.Ба ин калимаҳо ва таркибҳо диққат диҳед: «сар кашидӣ», «сарфарозист», «кор бастан». Ин ифодаҳо ба кадом маъно омадаанд?**

**3.Байти чаҳорум ва шашумро ба наср баргардонед.**

**4.Шеърро аз ёд кунед.**

**5.Дар мавзӯи «Аҳамияти дониш» иншо нависед.**

## «ХАЙР ВА ШАР»
## АЗ «ҲАФТ ПАЙКАР»

Қаҳрамони достон подшоҳи Эрон – Баҳром дар ҳафт қасре, ки дар ҳар як қаср маликаи мамлакате зиндагӣ мекунад, меҳмон шуда аз ҳар як малика ҳикояте мешунавад. Ҳикояти «Хайр ва шар»-ро дар қасри шашум ӯ аз бонуи Чин (Хитой) мешунавад. Дар ин ҳикоят рафтору кирдор, сурату

сират ва тинати одамӣ дар намуди некӣ ва зиштӣ зоҳир гардида, оқибат ба ғалабаи хубфарҷомӣ ба итмом мерасад.

Бонуи Чин зи чеҳра чин бикшод,
В-аз рутаб[1] ҷӯи ангубин[2] бикшод...
Гуфт:-Вақте зи шаҳри худ ду ҷавон,
Сӯи шаҳри дигар шуданд равон.
Ҳар яке дар ҷуволгӯшаи худ,
Карда асбоби роҳ тӯшаи худ.
Номи ин Хайру[3] номи он Шар[4] буд,
Феъли ҳар як ба ном дархур[5] буд.
Чун буриданд рӯзаке ду-се роҳ,
Тӯшаеро, ки доштанд нигоҳ.
Хайр мехӯрду Шар нигоҳ медошт,
Ин ғалла медуруд[6], он мекошт.
То расиданд ҳар ду дӯшодӯш[7]
Дар биёбоне аз бухор[8] ба ҷӯш.
Кӯрае чун танӯри оташ гарм,
К-оҳан аз вай чу мум гаштӣ нарм!
Гармселию хушксории бум[9],
Карда боди шимолро[10] чу самум[11].
Хайр фориғ, ки об дар роҳ аст,
Бехабар, к-об нест, он чоҳ аст.
Шар хабар дошт, к-он замини хароб,
Дурие дораду надорад об.

---

[1] **Рутаб** – хурмо, вале дар ин маврид кинояи аз лаби маликаи Чин.

[2] **Ангубин** – асал, дар ин ҷо маҷозан ба маънои сухани ширин омадааст.

[3] **Хайр** – нек, нағз.

[4] **Шар** – бад, зишт.

[5] **Дархур** – мувофиқ.

[6] **Медуруд** – дарав мекард.

[7] **Дӯшодӯш** – дӯш ба дӯш, паҳлу ба паҳлу.

[8] **Бухор** – буғ.

[9] **Бум** – замин, сарзамин.

[10] **Боди шимол** – боди тарафи шимол, ки салқин аст.

[11] **Самум** – боди гарми бемориовар.

Машке аз об карда пинҳон пур,
Дар харита[1] нигоҳ дошт чу дур.
Дар биёбони гарму роҳи дароз,
Ҳар ду метохтанд бо такутоз.
Чун ба гармӣ шуданд, рӯзе ҳафт,
Оби Шар монду оби Хайр бирафт.
Шар, ки он обро зи Хайр нуҳуфт[2]
Бар вай аз хайру шар ҳадис[3] нагуфт.
Хайр чун дид ӯ зи гавҳари[4] бад,
Дорад обе дар обгинаи[5] худ.
Вакт-вакт он рафиқ пинҳонӣ,
Мехӯрад чун раҳиқи райҳонӣ[6].
Гарчи дар тоби ташнагӣ месӯхт,
Лаб ба дандон зи лоба[7] бармедӯхт.
Ташна дар оби ӯ назар мекард,
Оби дандон[8] аз ҷигар мекард.
То ба ҳадде, ки хушк шуд ҷигараш,
Боз монд[9] аз кушодагӣ назараш.
Дошт бо худ дӯ лаъли оташранг,
Обдоранда в-обашон бар санг.
Ҳолӣ[10] он лаъли обдор[11] кушод,
Пеши он санги обдор[12] ниҳод.

---

[1] **Харита** – халта.
[2] **Нуҳуфт** – пинҳон кард.
[3] **Ҳадис** – сухан, гап.
[4] **Гавҳар** – маҷозан тинат, гавҳари бад-тинати бад, дили бадхоҳ.
[5] **Обгина** – шиша.
[6] **Раҳиқи райҳонӣ** – майи хӯшбӯй, соф.
[7] **Лоба** – зорӣ, лаб ба дандон зи лоба бармедӯхт – лаб ба дандон газида аз шикоят худдорӣ мекард.
[8] **Оби дандон** – номи як ҳалво, оби дандон аз ҷигар хӯрдан – киноя аз хуни ҷигар хӯрдан.
[9] **Боз монд аз кушодагӣ назараш** – чашмаш сиёҳ зад.
[10] **Ҳолӣ** – зуд, даррав.
[11] **Лаъли обдор** – лаъли тоза, пурҷило, дурахшон.
[12] **Санги обдор** – киноя аз Шари бераҳм ва сангдил.

Гуфт: «Мурдам зи ташнагӣ, дарёб!
Оташамро бикуш ба қатраи об!
Шарбате об аз он зулоли чу нӯш[1],
Ё ба миннат бибахш ё бифурӯш!
Ин ду гавҳар дар оби хеш андоз,
Гавҳарамро[2] ба оби худ бинвоз!»
Шар, ки хашми Худой бод бар ӯ,
Номи худро варақ кушод бар ӯ!
Гуфт: «Аз санг чашмае матарош,
Форигам, з-ин фиреб, форигъ бош!
Медиҳӣ гавҳарам ба вайронӣ,
То ба ободбум бистонӣ[3]?!
Чӣ ҳарифам, ки ин фиреб хӯрам?
Ман зи деводамӣ[4] фиребтарам!...
Нагузорам, ки оби ман бихӯрӣ,
Чун ба шаҳр ой оби[5] ман бибарӣ!
Он гуҳар чун ситонам аз ту ба роз,
К-аз манаш оқибат ситонӣ боз?
Гавҳаре боядам, ки натвонӣ,
К-аз манаш ҳеҷ гуна бистонӣ!

## Савол ва супориш

**1.Калимаҳои Хайр ва Шарро маънидод кунед.**
**2.Аз матн дарёбед, ки Хайр чӣ касест?**
**3.Ба назари шумо Шар чӣ гуна инсон аст?**
**4.Дар муқоиса хислату характери ин ду қаҳрамонро омӯзед.**
**5.Мазмуни порчаро бо тартиби муайян нақл кунед.**

[1] **Зулоли чу нӯш** – оби чун асал ширин.
[2] **Гавҳар** – ҷавоҳир, ин ҷо маҷозан ҷон, ҷону тан.
[3] **Ситонидан** – бо зӯр гирифтан, кашида гирифтан.
[4] **Деводам** – одами бадқасд, бадният, девмонанд.
[5] **Об** – ин ҷо ба маънии иззат, обрӯ; оби ман бибарӣ – маро беобрӯй кунӣ.

Гуфт: Хайр: «Он чӣ гавҳар аст? Бигӯй,
То супорам ба дасти гавҳарчӯй!»
Гуфт Шар: «Он ду гавҳари басар аст,
К-ин аз он, он аз ин азизтар аст!
Чашмҳоро ба ман фурӯш ба об
Варна з-ин обхӯрд[1] рӯй битоб!»
Хайр гуфт: «Аз Худо надорӣ шарм,
К-оби сардам диҳӣ ба оташи гарм?
Чашма гӯям, ки хушгувор[2] бувад,
Чашм кандан бигӯ, чӣ кор бувад?!
Чу ман аз чашми худ шавам дарвеш[3]
Чашма гар сар шавад, чӣ суд аз пеш?
Лаъл бистону он чӣ дорам чиз,
Бидиҳам хат ба он чӣ дорам низ.
Чашм бигзор бар ман, эй сарамард,
Сардмеҳрӣ макун ба оби сард!»
Гуфт Шар: «Ин сухан фасона бувад,
Ташнаро з-ин басе баҳона бувад!
Чашм бояд, гуҳар надорад суд,
К-ин гуҳар беш аз ин тавонад буд!»
Хайр дар кори хеш хира бимонд[4],
Оби чашме бар оби чашма фишонд.
Дид, к-аз ташнагӣ бихоҳад мурд,
Ҷон аз ин ҷойгаҳ нахоҳад бурд[5].
Дили гармаш ба оби сард фирефт,
Ташнае кай зи оби сард шигифт[6].
Гуфт: «Бархезу теғу дашна[7] биёр,

---

[1] **Обхӯрд** – обхӯрӣ.

[2] **Хушгувор** – хуштаъм, бомазза.

[3] **Дарвеш шудан** – камбағал шудан, аз чашм дарвеш шавам – бе чашм монам.

[4] **Хира мондан** – ҳайрон мондан.

[5] **Ҷон бурдан** – халос шудан, саломат мондан; Маънои мисраъ – аз ин ҷо халос шудан наметавонад.

[6] **Шигифт** – сабр кард, худдорӣ кард.

[7] **Дашна** – ханҷар.

Шарбати об сӯи ташна биёр!
Дидаи оташини ман баркаш,
Оташи ман бикӯш ба оби хваш!»
Занн[1] чунон бурд, к-аз чунон таслим,
Ёбад умедворӣ аз сари бим.
Шар, ки он дид, дашна боз кушод,
Пеши он хоки ташна рафт чу бод.
Дар чароғи ду чашми ӯ зад теғ,
Н-омадаш куштани чароғ дареғ!
Наргисашро[2] ба теғ гулгун[3] кард,
Гавҳарашро зи тоҷ берун кард!
Чашми ташна чу карда буд табоҳ,
Об нодода, кард ҳиммати роҳ[4].
Ҷомаю рахту[5] гавҳараш бардошт,
Марди бедилро тиҳӣ[6] бигзошт.
Хайр чун рафта дид Шар зи бараш,
Нашуд огоҳие зи хайру шараш.
Бар сари хору хок меғалтид,
Беҳ, ки чашмаш набуд, ки худро дид!
Ҳоли худ гар ба чашми худ дидӣ,
Мурдӣ аз ғам, чунон битарсидӣ!

## Савол ва супориш

**1.Байни Хайр ва Шар чӣ гуфтугӯе шуд?**
**2.Нокасии Шар аз рӯи кадом суханҳояш равшан мегардад?**
**3.Чаро Хайр ба гуфтаҳои Шар розӣ шуд? Оё роҳи дигар набуд?**
**4.Оқибати кори Хайр ба чӣ анҷомид?**
**5.Ибораи маҷозии «аз тоҷ берун кард гавҳар»-ро шарҳ диҳед.**

[1] **Занн** – гумон. занн бурдан – гумон бурдан.
[2] **Наргис** – чашм.
[3] **Гулгун** – гулранг. сурх.
[4] **Кард ҳиммати роҳ** – ба роҳаш рафтан гирифт.
[5] **Рахт** – чиз, пӯшок.
[6] **Тиҳӣ** – луч, бараҳна, холӣ.

Буд курде[1] зи меҳтарони[2] бузург
Ғаллае дур дошт з-офати гург.
Чорпоёни хуб низ басе,
К-он чунон чорво надид касе…
Курди саҳронишину кӯҳнавард,
Чу биёбониёни саҳрогард.
Аз барои алаф ба саҳро гашт,
Ғалларо мечаронд дашт ба дашт.
Ҳар куҷо об ёфтию гиёҳ,
Кардӣ он ҷо ду ҳафта манзилгоҳ.
Чун алаф хӯрда, ҷойро мемонд,
Ғалла бар ҷониби дигар меронд.
Аз қазо[3] андар он ду рӯз,[4] на дер,
Панҷа он ҷо кушода буд чу шер.
Курдро буд духтаре баҷамол,
Лӯъбате[5] туркчашму ҳиндухол[6].
Сарве об аз раҳи ҷигар хӯрда!
Нозанине, ба ноз парварда!
Расани[7] зулфи тобдораш пеш,
Карда маҳро расан ба гардани хеш.
Он хироманда моҳи хиргоҳӣ[8],
Шаб талабгори об чун моҳӣ.
Ҷонибе об буд дур аз роҳ,
Буд аз он ҷонибе, ки буд огоҳ.
Кӯза пур карда з-оби он хонӣ[9].
То барад сӯи хона пинҳонӣ.

---

[1] **Курд** – номи халқест, ки дар Озарбойҷону Эрон ва Ироқ зиндагӣ мекунанд.
[2] **Меҳтар** – сардор.
[3] **Аз қазо** – иттифоқо, тасодуфан.
[4] **Дурӯзина** – дер, ду рӯз пеш.
[5] **Лӯъбат** – лӯхтак; ин ҷо соҳибҷамол.
[6] **Ҳиндухол** – холаш сиёҳ.
[7] **Расан** – ресмон.
[8] **Моҳи хиргоҳӣ** – моҳи ҳоладор, моҳи хирманкарда, моҳи пурра, ки дар гирдаш доираи равшане пайдо шудааст; киноя аз духтари курд.
[9] **Хонӣ** – ҳавзча.

Ногаҳон нолае шунид аз дур,
К-омад аз захмхӯрдаи ранҷур.
Бар пайи нола шуд, чу нола шунид,
Хуфта бар хоку хун ҷавоне дид.
Дасту пое ба дард меафшонд,
Ба тазарруъ[1] Худойро мехонд[2].
Нозанинро зи сар бурун шуд ноз,
Пеши он захмхӯрда рафт фароз[3].
Гуфт: «Вайҳак[4], чӣ кас тавонӣ буд?
Инчунин хоксору[5] хунолуд?
Ин ситам бар ҷавонии ту кӣ кард?
В-ин чунин зинҳор бар ту кӣ хӯрд[6]»?
Хайр гуфт: «Эй фариштаи фалакӣ,
Гар маликзодаӣ, в-агар малакӣ!
Кори ман турфа[7] бозие дорад!
Қиссаи ман дарозие дорад!
Мурдам аз ташнагию беобӣ,
Ташнаро ҷаҳд кун, ки дарёбӣ!
Об агар нест, рав, ки ман мурдам,
В-ар яке қатра ҳаст, ҷон бурдам!»
Соқии нӯшлаб, калиди наҷот,
Додаш обе ба лутф[8] – оби ҳаёт[9]!
Ташнаи гармдил зи оби сард,
Хӯрд бар қадри он, ки шояд хӯрд.
Зинда шуд ҷони пажмурдаи ӯ,
Шод шуд он чароғи дидаи ӯ.
Дидаеро, ки канда буд зи ҷой,

[1] **Тазарруъ** – зорӣ, илтимоси оҷизона.
[2] **Хондан** – ҷеғ задан.
[3] **Фароз рафтан** – наздик шудан, боло шудан.
[4] **Вайҳақ** – эй вой! Вой дареғ!
[5] **Хоксор** – хоколуд.
[6] **Зинҳор хӯрдан** – аҳду паймон шикастан; мазмуни мисраъ – инчунин бевафоиро дар ҳаққи ту кӣ раво дид?
[7] **Турфа** – аҷоиб, ғалатӣ.
[8] **Лутф** – нармӣ, меҳрубонӣ.
[9] **Оби ҳаёт** – оби зиндагонӣ.

Дарҳам афганду бурд номи Худой...
Он қадар зӯр буд дар пояш,
Ки барангехт шояд дар чояш.
Пийҳ дар чашми ӯ ниҳода бибаст,
Аз сари мардумӣ гирифташ даст.
Кард аҳди тамом, то бархост,
Қоидаш гашту бурд бар раҳ рост.
То бад-он чо, ки буд бунгаҳи ӯ,
Марди бедида буд ҳамраҳи ӯ.
Чокареро, к-аз аҳли хона шумурд,
Дасти ӯро ба дасти ӯ биспурд.
Гуфт: – Оҳиста, то наранчонӣ,
Бар дари мо бараш ба осонӣ.
Курд омад шабонгаҳ аз саҳро,
То хӯрад он чӣ бишканад сафро[1].
Беҳуше дид маст афтода,
Чун касе захмхӯрда, чондода.
Гуфт: – «Ин шахси нотавон зи кучост?
Инчунин нотавону хаста чарост?»
Он чӣ бар вай гузашта буд зи наҳуст,
Кас надонист шарҳи он ба дуруст.
Қиссаи чашм канданаш гуфтанд,
Ки ба алмос чазъро[2] суфтанд.
Курд чун дид, к-он чигархаста,
Шуда бедидаю назарбаста.
Гуфт: «Аз шохи он дарахти баланд,
Боз боист канд барге чанд.
Кӯфтан баргу об аз ӯ сутудан[3],
Судан[4] он чою назди ӯ бурдан.
Гар чунин марҳаме гирифтӣ[5] соз,

[1] **Чазъ** – як навъ санги зебо, чазъро суфтан – сангро сӯрох кардан; мачозан: чашмро кӯр кардан.
[2] **Сафро шикастан** – дафъи гуруснагӣ кардан.
[3] **Сутудан** – ситонидан, гирифтан.
[4] **Судан** – кӯфта хока кардан.
[5] **Гирифтан** – ин чо: таъсир кардан.

Ёфтӣ дида рӯшной боз.
Рахнаи[1] дида гарчи бошад сахт,
Бех шавад з-оби он ду барги дарахт!»
Пас нишон дод, к-он дарахт куҷост,
Гуфт: «Аз об обхӯр[2], ки водии мост,
Ҳаст рафта куҳан дарахте нағз,
К-аз насимаш кушода гардад мағз[3],
Пояш аз бех баркашида ду шох,
Дурие дар миёни он ду фарох.
Барги як шох аз он чу ҳуллаи[4] ҳур,
Дидаи рафтаро дарорад нур.
Барги шохи дигар чу оби хаёт,
Саръиёнро диҳад зи саръ[5] наҷот».
Чун зи курд он шунид духтари курд,
Дил ба тадбири он илоҷ супурд.
Лобаҳо карду аз падар дархост,
То кунад барги бенавой рост[6].
Курд чун дид лоба кардани сахт,
Роҳ бардошт[7], рафт сӯи дарахт.
Боз канд аз дарахт чанде барг,
Нӯшдорӯи[8] хастагон аз марг.
Омад, овард, нозанин бардошт,
Кӯфт чанде, ки мағз боз гузошт.
Кард софӣ чунон ки дурд[9] намонд,
Дар назаргоҳи дарманд фишонд[10],
Дорую дидаро ба ҳам дарбаст,

---

[1] **Рахна** – маҷозан ҷароҳат, захм.

[2] **Обхӯр** – чашма.

[3] **Мағз** – мағзи сар, майна: ақл, мазмуни мисраъ: аз насими он дарахт ақли кас кушода мешавад.

[4] **Ҳулла** – киноя аз шуоъ ва равшании офтоб.

[5] **Саръ** – номи як навъ бемории асаб.

[6] **Рост** – илоҷи ин корро кунад.

[7] **Роҳ бардоштан** – роҳ пеш гирифтан.

[8] **Нӯшдорӯ** – доруи шифобахш.

[9] **Дурд** – таҳшин.

[10] **Фишондан** – рехтан.

Хаста чун дид, соате биншаст.
Буд то панҷ рӯз баста сараш,
В-он тилоя[1] ниҳода бар басараш.
Рӯзи панҷум халос додандаш,
Дору аз дида баркушодандаш.
Чашми аз дастрафта гашт дуруст,
Шуд биайнеҳ[2] чунон ки буд нахуст.
Марди бедида баркушод назар,
Чун ду наргис, ки бишкуфад ба саҳар.
Аҳли хона зи ранҷи ӯ растанд,
Дил кушоданду рӯй барбастанд[3].
Аз басо ранҷҳо, ки бар вай бурд,
Меҳрубон гашта буд духтари курд.
Чун ду наргис кушод сарви[4] баланд,
Дурчи[5] гавҳар кушода гашт зи банд.
Меҳрубонтар шуд он паризода,
Бар ҷамоли ҷавони озода[6].
Хайр низ аз латафрасонии[7] ӯ,
Меҳрубон шуд зӣ меҳрубонии ӯ.
Гарчи рӯяш надида буд тамом,
Дида будаш ба вақти хезу хиром[8].
Лафзи ширини ӯ шунида басе,
Лутфи дасташ бад-ӯ расида басе.
Дил бар ӯ баста буд он дилбанд,
Ҳам дар ӯ баста дид, зиҳӣ пайванд![9]

---

[1] **Тилоя** – дору, марҳам.
[2] **Биайнеҳ** – айнан.
[3] **Рӯй барбастанд** – рӯй пӯшиданд.
[4] **Сарв** – дарахти рост ва мавзун, киноя аз одами хушқомат.
[5] **Дурҷ** – сандукчаи ҷавоҳирот, кушода шудани дурҷи гавҳар – киноя аз чашм боз кардан.
[6] **Озода** – соҳиби сифатҳои хуб.
[7] **Латафрасонӣ** – дилҷӯӣ, ғамхорӣ.
[8] **Хиром** – зебо ва бовиқор роҳ рафтан.
[9] **Зиҳӣ пайванд** – чӣ пайванди хубест!

## Савол ва супориш

**1.Ҳини суханронӣ курд ба Хайр чӣ гуфт?**
**2.Курд барои табобати Хайр чӣ тадбир андешид?**
**3.Ба фикри шумо хиссиёти ӯ дар лаҳзаи шунидани овози духтари курд чӣ гуна буд? Шумо ибораи «фариштаи малакӣ»-ро чӣ тавр мефаҳмед?**
**4.Ҳангоме, ки духтари курд ба Хайр об дод, шоир гуфтааст:**

**Зинда шуд ҷони пажмурдаи ӯ,**
**Шод шуд он чароғи дидаи ӯ.**

**Байтро шарх диҳед. Шоир дар зери ибораи «чароғи дида» чиро дар назар дорад?**

Хайр бо курди пир ҳар саҳаре,
Бастӣ аз роҳи чокарӣ камаре[1].
Ба шутурдорию галадорӣ,
Кардӣ оҳистагию дилдорӣ.
Аз гала дур кард офати гург,
Доштӣ пос[2] ҷумла хурду бузург,
Курди саҳрораву биёбонӣ,
Чун аз ӯ ёфт он таносоӣ[3].
Ба таваллои[4] худ азизаш кард,
Ҳокими хонумону чизаш кард.
Хайр чун шуд ба хонадон густох,
Курд аз ӯ кард ҷустуҷӯи фарох[5].
Боз ҷустанд ҳоли дидаи ӯ,
К-аз кӣ буд он ситам расидаи ӯ?
Хайр аз эшон ҳадиси Шар нанҳуфт[6],
Ҳар чӣ будаш зи хайру шар – ҳама гуфт.

---

[1] **Камар бастан** – ба хизмат тайёр шудан.
[2] **Пос доштан** – ҳурмат кардан.
[3] **Таносоӣ** – осудаҳолӣ.
[4] **Таваллo** – дӯстдориву дилҷӯӣ.
[5] **Фарох** – васеъ; аз ӯ кард ҷустуҷӯи фарох – аҳволи ӯро аз ҳар ҷониб пурсуҷӯ кард.
[6] **Ҳадисро нанҳуфт** – гапро пинҳон надошт.

Курд, к-он достон шунид зи Хайр,
Рӯй бар хок зад чу роҳиби дайр[1].
К-он чунон шод шуд, ки бадгуҳаре[2],
Нарасонд ин шукуфаро зараре.
Чун шуниданд, ки он фариштасиришт,
Чӣ бало дид аз он забоне зишт[3].
Хайр аз ин ном гашт номитар[4],
Шуд ба эшон зи ҷон киромитар[5].
Доштандаш чунон ки бояд дошт,
Нозанин хизматаш ба кас нагузошт.
Хайр якбора дил ба ӯ биспурд,
Аз вай он ҷон, ки ёфт, боз супурд.
Кард бар ёди он кироми дур[6],
Хизмати гову гӯспанду шутур.
Гуфт: «Мумкин шавад, ки он дилбанд,
Бо чу ман муфлисе[7] шавад пайванд?
Духтареро бад-ин ҷамолу камол[8],
Натавон бурд ҷуз ба мулку ба мол.
Ман, к-аз эшон хӯрам ба дарвешӣ,
Кай ниҳам чашми[9] хеш бар хешӣ?
Беҳ аз он нест, к-аз чунон хатаре,
Зиракона бароварам сафаре!»[10]
Чун бар ин қисса ҳафтае бигзашт,
Шомгоҳе ба хона рафт зи дашт.
Дил зи тимори[11] он арӯс ба ранҷ,
Чун гадое нишаста бар сари ганҷ.

---

[1] **Роҳиби дайр** – шайхи ибодатхонаи тарсоиён (ғайримусулмонҳо).
[2] **Бадгуҳар** – бадтинат, бадтабиат, баддил, яъне Шар.
[3] **Зишт** – бад.
[4] **Номӣ** – номдор, шӯҳратманд.
[5] **Киромӣ** – азиз.
[6] **Дур** – марворид, ин ҷо киноя аз духтари курд.
[7] **Муфлис** – камбағал.
[8] **Ҷамолу камол** – ҳусну зебоӣ.
[9] **Чашм ниҳодан** – умедвор будан.
[10] **Бароварам сафаре** – берун равам, халос шавам.
[11] **Тимор** – ғамхорӣ.